Таваккал Чориев

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

# 2

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФИ 2-ЮМИ МАКТАБҲОИ ТАЪЛИМИ МИЁНАИ УМУМӢ

(Нашри шашум)

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст*

ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2018

УЎК 871.222.8(075)+372.881.1(075)
КБК 81.2 Тад я. 922
Ч.14

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

**Тақриздиҳандагон:**

**А. Воҳидов** – номзади илмҳои филология, профессори ДДС;
**З. Тошматова** – омӯзгори мактаби таълими миёнаи умумии рақами 17-уми шаҳри Ангрен.

## Аломатҳои шартӣ:

— ҷавоби тестро ёбед. — вазифаи хонагӣ.

— ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Ч.14 **Забони модарӣ:** Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 2-юми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ. (Муаллиф Т.Чориев). Т.: «O‘ZBEKISTON», 2018, — 128 саҳ.

**УЎК 871.222.8(075)+372.881.1(075)**
**КБК 81.2 Тоҷ. я 922**

*O‘quv nashri*

**Tavakkal Choriyev**

**ONA TILI**

Ta’lim tojik tilida olib boriladigan umumiy o‘rta ta’lim maktablarining 2-sinfi uchun darslik

(Beshinchi nashri)

Original-maket «O‘zbekiston» nashriyot-matbaa ijodiy uyida tayyorlandi.
100011, Toshkent, Navoiy ko‘chasi, 30.

Муҳаррир *Э. Турдиқулов.* Муҳаррири техникӣ *Б. Каримов.*
Муҳаррири бадеӣ *Х. Меҳмонов.* Саҳифабанди компутерӣ *Н. Аҳмедова*

Ба чопаш 10 майи соли 2018 имзо гардид. Андозаи $70x90^{1}/_{16}$. Гарнитураи «Прагматика». Кегли 16,14. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 9,36. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,67. Адади нашр 956 нусха. Супориши № 75-18.

Дар ХЭТН «O‘qituvchi»-и Агентии матбуот ва ахбори Республикаи Ўзбекистон чоп шуд. 100206, ш. Тошканд, ноҳияи Юнусобод, кӯчаи Янгишаҳр хонаи 1.

© Таваккал Чориев, 2008 – 2018.
© ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2008 – 2018.

ISBN 978-9943-01-279-0

# ТАКРОР

## 1-уми сентябр — Иди истиқлоли Ӯзбекистон

## Дарси 1. ВАТАНИ ОБОДУ ХУШМАНЗАРИ МАН

**Машқи 1.** Расмро аз назар гузаронед ва ба саволҳои дар зераш навишташуда ҷавоб гӯед.



1. Акси киро мебинед?
2. Донишомӯзон дар даст чиҳо доранд?
3. Донишомӯзон гулдастаро ба кӣ тақдим мекунанд?
4. Кӣ самимона бо меҳру муҳаббат донишомӯзонро қабул кардааст?
5. Донишомӯзон дар бар чӣ гуна либос доранд?
6. Иди дониш кадом рӯз мегузарад?

**Машқи 2.** Шеърро овоз баровард хонед.

Баланд аст аз фалак шони муаллим,
Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.
Набошад неъмате дар ҳар ду олам
Ҳалол аз пораи нони муаллим.
Бидон инро, ки виҷдони ҳама халқ
Бувад аз рӯйи виҷдони муаллим.
Агар фардои меҳанро биҷӯйӣ,
Биёб аз файзи эҳсони муаллим.
Агар армони меҳанро бихоҳӣ,
Бидон аввал ту армони муаллим.
Каму беши замонро рост кардан
Тавон танҳо ба мизони муаллим.
Куҷо оянддаи рӯшан тавон дид,
Набошад нури чашмони муаллим.
Ягон ҳосил ба хоки мазраъи табъ
Магар рӯйида бе дони муаллим?
Бидон парвозгоҳи миллати мо
Бувад дар рӯйи достони муаллим.

Камол Насрулло

**Машқи 3.** Ҷумлаҳоро рӯбардор кунед.

Тирамоҳ даромад. Сентябр, октябр, ноябр моҳҳои фасли тирамоҳанд. Фасли тирамоҳ баргҳои дарахтон зард шуда ба замин мерезанд. Ҳаво салқин мешавад.

Борон ҳам меборад. Деҳқонон ҳосили рӯёндаашонро ғундошта, ба анборҳо ҷой-гир месозанд.

## Дарси 2. КОРБАСТИ ОВОЗ ДАР КАЛИМАҲО

**Машқи 4.** Овоз ва ҳарфҳои фарққунандаи калимаҳоро муайян кунед.

Хона — шона, гарм — нарм, барф — ҳарф, бедор — бемор, боз — ноз, шин — бин, ранг — санг, оҳан — оҳак, рав — дав.

**Машқи 5.** Калимаҳоро хонед ва ба дафтар рӯбардор кунед. Гӯед, ки маънои калимаҳо бо кадом ҳарфу овоз тағйир ёфтааст?

Нон — дон — хон — кон — ҷон
бахт — тахт — сахт — рахт.

**Машқи 6.** Садонокҳои **а**, **о**, **у**, **ӯ**, **и**, **э**-ро аз рӯйи тартиб овоз баровардa талаффуз кунед.



### Тест

«Алифбо»-ро бо гузаштани кадом ҳарф ва овоз сар карда будем?

а) Оо б) Аа в) Лл

**Машқи 7.** Аз рӯйи расм номи паррандаҳоро ба дафтар нависед.

  

## Дарси 3. КОРБАСТИ ҲАРФ ДАР КАЛИМАҲО

**Машқи 8.** Ҳарфҳои алифбои забони тоҷикиро аз рӯйи тартиб номбар кунед.

**Машқи 9.** Ҳарфҳои дар қавс додашударо ба ҷойи нуқтаҳо кор фармуда калимаҳои гуногунмаъно созед.

Ша … ол (м, ғ)<br>
… ӯй (р, м, ҷ, г)

… аб (л, т, ш)<br>
… иёз (п, н)

*Намуна*: рӯй, мӯй.

**Машқи 10.** Ба ҷойи нуқта ҳарфҳои мувофиқ гузошта, калимаҳоро нависед.

О . оз, ҳа . ф, кали . а, иб . ра, ҷ . мла,<br>
бо ., т . к, с . ҳро, лол ., бодо .,<br>
м . ва, г . л.

Ҳарфҳо: **у, е, в, р, м, а, о, ғ.**

1. Чиро мо мебинем ва менависем?
2. Ҳарф чиро ифода мекунад?

**Машқи 11.** Катакчаҳои холии кроссвордро бо ҳарфҳои даркорӣ аз боло ба поён пур кунед. Калимаҳои навиштаатонро номбар кунед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | к | | |
| | | | | и | ҷ |
| о | | | | | |
| | ҳ | ҳ | | | |
| | | | м | р | л |
| з | | ҷ | | | |
| | ф | | | | |

## Дарси 4. ТАБДИЛИ ҲАРФ ВА МАЪНО

**Машқи 12.** Бо иваз кардани ҳарфҳои аввалин калимаҳо нависед. Фарқи онҳоро гӯед.

Панҷ — мева —
хола — зар —

**Машқи 13.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

### Тирамоҳ

Тирамоҳ даромад. Барги дарахтон зард шуда рехтанд. Бориш ҳам сар шуд.

Дар тирамоҳ ҳамаи сабзавоту меваҳо мепазанд. Дар саҳро ғӯзаҳои пахта кушода мешавад. Соли хониш дар ҳамин фасл сар мешавад.

**Машқи 14.** Ба ҷойи нуқта ҳарфҳои мувофиқро гузошта дар шакли пурра хонед ва ба дафтар рӯбардор кунед.

Анг . р, к . ду, қал . м, хо . а, б . м, ша . ол, да . ахт, к . тоб, ра . м, ч . ма, а . п, му . ғ, д . н, га . дум.

## Дарси 5. ТАҚСИМИ ҲИҶО

**Машқи 15.** Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо тақсим карда нависед.

Пахта, пилла, гандум, ҷуворимакка, раҳмат, ташаккур, осмон, ситора, офтоб, тирамоҳ, зимистон, баҳор, тобистон.

*Намуна*: пах-та, ти-ра-моҳ.

**Машқи 16.** Аз ҳиҷоҳо калима созед.



**Машқи 17.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.



Ин бузи мо тар шудаст,
Сурхи чу шаккар шудаст.



**Машқи 18.** Пандро хонед. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо тақсим карда нависед. Сабаби ба ҳиҷо тақсим нашудани калимаҳои **ҳар, кӣ, ба, пир**-ро гӯед.

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

## Дарси 6. БАЁНИ ФИКР АЗ РӮЙИ РАСМ

### Супориш

Расмро бодиққат аз назар гузаронед ва аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб ташкил диҳед.



## Дарси 7. ХУШХАТ НАВИШТАНИ ҶУМЛАҲО

**Машқи 19.** Ҷумлаҳоро ба дафтар хушхат нависед.

Ман дар синфи дуюм мехонам. Дарсхонаи мо калон ва васеъ аст. Ҳамсинфонам бачаҳои боақлу фаросатанд. Аз кӯҳсор насими форам мевазад. Дар поёни кӯҳ замини ҳамвор ҳаст. Мо ба ғунучини меваҳо ёрӣ расонидем.

# ОВОЗ ВА ҲАРФ

## Дарси 8. ОВОЗ ВА ҲАРФ



Овозҳоро мешунавем ва талаффуз мекунем.

Ҳарфҳоро мебинем, мехонем ва менависем.

Ҳар як ҳарф овозҳои хоси худро дорад.

**Машқи 20.** Шеърро бурро ва равон хонед. 5-то калимаи дилхоҳро интихоб намуда, миқдори ҳарфу овозҳояшонро муайян кунед.

### Забони модарӣ

Монанди шамси ховар,  
Бошад забони модар.

Ширинтар аз ҳама чиз,
Азиз асту мӯътабар.
Нисбати лафзи модар
Беҳурматӣ норавост.
Хоҳем забони миллат,
Ҳаргиз набинад иллат.
Чунки омӯхтем бо он,
Ҳама ақлу заковат.

*Илҳомиддин Мирзоев*

**Машқи 21.** Чистонро хонед ва барои ёфтани ҷавоби он аз рӯйи расм байни ҳарфи **а** ва **р** ҳарфҳои мувофиқ гузоред.

Миёни «а» ва «р» чанд ҳарфи дигар
Бимонӣ, меҳрӣ се меваи тар?







**Машқи 22.** Миқдори овоз ва ҳарфи калимаҳоро муайян кунед.

Модар, деҳа, зодгоҳ, истиқлол, маърифат, маънавият, халқ, дунё, дониш, панд, ҳикмат, ақида.



## Тест

1. Мо чиро мешунавем ва талаффуз мекунем?

а) овозро б) ҳарфро в) фикрро

2. Ҳарфро мо чӣ кор мекунем?

а) мебинем, мехонем, менависем
б) мешунавем, талаффуз мекунем
в) наменависем, намешунавем



**Машқи 23.** Калимаҳоро ба дафтар навишта миқдори ҳарф ва овозҳоро муайян кунед.

Наргис, Юсуф, Яҳё, Муҳайё, Кимё, Маъруф, Мӯъмин, Лутфия, Парвин, Фирдавс, Комрон, Шабнам, Гулрух.

## Дарси 9. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 24—28

**Машқи 24.** Калимаҳоро ба дафтар нависед ва аз чанд овозу ҳарф иборат буданашонро гӯед.

Синф, мактаб, шарикдарс, омӯзгор, устод, илм, маъно, рӯзнома, маҷалла.

**Машқи 25.** Ба воситаи ҳарфҳои дар зер навишташуда калимаҳои гуногунмаъно тартиб диҳед. Гӯед, ки маънои калимаҳо бо иваз шудани кадом ҳарфҳо ба вуҷуд омадааст?

**р, т, ҷ** → **ӯй**

**б, д, з, х, к** → **ор**

**с, з, т, п, д** → **ар**

**Машқи 26.** Аз рӯйи расм номи ҳайвонотро ба дафтаратон нависед. Миқдори ҳарфу овози калимаҳои навиштаатонро муайян кунед.






**Машқи 27.** Чистонро хонед, ҷавобашро ба дафтар хушхат нависед. Аввал аз рост ба чап, баъд аз чап ба рост хонед.

Шарбати зиндагонист,
Бомаза дар даҳон аст.
Номаш базебу кӯтоҳ —
Аз ду тараф ҳамон аст!



**Машқи 28.** Калимаҳоро хонед, овозу ҳарфҳои миқдорашон баробарро дар як сутун ва овозу ҳарфҳои миқдорашон нобаробарро дар сутуни дигар нависед.

Гулзор, боғбон, кӯҳсор, хиёбон, равшан, насиҳат, чистон, шеър, шуъла, неъмат, анъана, дӯстӣ, дурандеш.

## Дарси 10. ОВОЗҲОИ НУТҚ

Ҳарфҳои садонок ва ҳамсадо овозҳои нутқро ташкил медиҳанд.

**Машқи 29.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери овоз ва ҳарфҳои садонок хат кашед.

Кор, меҳнат, кӯза, элак, Элмурод, инсон, кӯҳ, кишвар, зодгоҳ, рӯбоҳ, мурғобӣ, чӯҷа.

**Машқи 30.** Расмро аз назар гузаронед ва бо чӣ кор машғул буданашонро гӯед.





**Машқи 31.** Бо гузоштани ҳарфҳои мувофиқ номи мева ва сабзавотҳоро пайдо кунед.






## Дарси 11. ОВОЗҲОИ САДОНОК

Овозҳое, ки дар вақти талаффуз ба монеа дучор намешаванд, садонок ба шумор меравconfigurations.

**А**, **о**, **у**, **ӯ**, **и**, **э** ҳарф ва овозҳои садонок мебошанд.

**Машқи 32.** Шеърро хонед ва ба дафтаратон рӯбардор карда, зери садонокҳои он хат кашед.

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

*Низомии Ганҷавӣ*

**Машқи 33.** Муайян кунед. Маънои калимаҳо бо иваз шудани кадом ҳарфу овозҳои садонок ба вуҷуд омадааст?

Бар — бор — бӯр — бур,
тор — тар — тир,

**Машқи 34.** Аз рӯйи расм номи асбобҳои мусиқиро номбар кунед.

   

**Машқи 35.** Ҳарф ва овозҳои садоноки **а**, **о**, **у**, **ӯ**, **и**, **э**-ро дар аввал кор фармуда, дувоздаҳ калима нависед. Онҳоро ба ҳиҷоҳо тақсим кунед.

## Дарси 12. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 36—38

**Машқи 36.** Аз рӯйи намуна ҳарфу овозҳои садонокҳои **а** ва **о**, **у** ва **ӯ**-ро дар байн кор фармуда, даҳ калима нависед.

*Намуна*: тор — тар, кӯш — куш.

**Машқи 37.** Зарбулмасалро хонед, калимаҳои **«аҳл»** ва **«саҳл»**-ро такрор талаффуз намоед.

Ҳар кӣ аҳл аст,
Кораш саҳл аст.

1. а, и, о, у, э, ӯ чӣ гуна овоз ва ҳарфҳоянд?
2. Овоз ва ҳарфҳои садонок чандто аст?

**Машқи 38.** Бо истифодаи ҳарфу овозҳо номи ҳашарот ва ҷонваронро нависед.




## Дарси 13.
## ХУШХАТ НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ САДОНОК

**Машқи 39.** Дар қатори аввал ҳарфҳои садоноки калон, дар қатори дуюм ҳарфҳои садоноки хурдро хушхат нависед.

*Аа Оо Уу Ӯӯ Ии Ээ*

**Машқ 40.** Матнро хонед ва онро ба дафтар хушхат нависед.

### Афсонаи об

Фароштурук ба назди кабӯтар рафта пурсид, ки ҷони дев дар куҷояш. Кабӯтар гуфт, ки дар биниаш мегӯянд. Аммо намедонам дар куҷои биниаш. Беҳтараш аз кабк пурс. Фароштурук ба назди кабк рафт. Кабк гуфт, ки дар даруни бинии Ҳафткалла кирме ҳаст. Ана ҳамонро кушӣ, зафар меёбӣ.

## Дарси 14. САДОНОКИ А

**Машқи 41.** Муайян кунед, ки садоноки **а** бо кадом садонок ҷойи худро иваз карда, маънои калимаро дигар кардааст?

Таб — тоб, соф — саф, дар — дор

**Машқи 42.** Дар калимаҳои поёнӣ ба ҷойи садоноки **о** садоноки **а**-ро кор фармуда, рӯбарӯяшон калимаҳои бо як ҳарф тағйирёфтаро нависед.

Гуноҳ — ... , бегоҳ — ... , гоҳ — ... ,

*Намуна*: чоҳ — чаҳ.

**Машқи 43.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

### Одоби салом кардан

Салом маънии саломатиро дорад. Шахсе, ки салом мегӯяд, бояд пок бошад. Шахси савора ба пиёда, шахси истода ба нишаста бояд салом гӯяд.

Хурдсолон ба калонсолон, одами танҳо ба одамони ҷамъ бояд салом гӯянд. Ҳангоми салом кардан кушодарӯву хандончеҳра бояд буд.

На бо ишора, балки бо овоз бояд салом кард.

*Аз «Қобуснома»- и Унсурулмаолии Кайковус*

**Машқи 44.** Ному насаби ҳамсинфонатонро нависед, ки сарҳарфаш **А** бошад.

## Дарси 15. САДОНОКИ О

**Машқи 45.** Ба бачагон ном интихоб кунед, ки он бо ҳарфи **О** сар шавад. Ба саволҳо ҷавоб гӯед.



1. Бачаҳо чӣ кор мекунанд?
2. Дар фазо кадом парранда дар парвоз аст?

**Машқи 46.** Шеърро хонед. Калимаҳое, ки дар таркиб ҳарфи **о** доранд, ба дафтар рӯбардор кунед.

### Ҳарфи Оо

О-ро осон мехонем,
О навишта метонем.
Доим даҳони О во,
Ё гушна мондааст О?
О ҳам мисоли кӯдак,
Оҳ, ин қадар гирёнчак!

## Дарси 16. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 17. САДОНОКИ У

**Машқи 47.** Ба ҷойи нуқта аз ҳарфҳои поёнӣ калима тартиб дода нависед.

г + у + л = ...
н + у + р = ...
п + у + р = ...
б + у + р = ...
б + у + з = ...
м + у + ш = ...

**Машқи 48.** Аз рӯйи расм номҳояшонро нависед ва ҷойи садоноки **у**-ро муайян кунед.






**Машқи 49.** Шеърро бо овози баланд хонед. Калимаҳое, ки дар таркиб ҳарфи **у** доранд, ба дафтар рӯбардор кунед.

### Ҳарфи Уу

**У** дар буни умри мост,
**У** чун сутуни дунёст.
**У** ҳасту гуфтугӯ ҳаст,
**У**меду орзу ҳаст.
**У** чун ду шохаи тут,
**У**мре бубахшадат суд.

## Дарси 18. САДОНОКИ Ӯ

**Машқи 50.** Ба ҷойи нуқта садоноки **у** ва **ӯ**-ро гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра нависед.

К . ш — к . ш,   с . м — с . м,
б . р — б . р,   х . рд — х . рд,
м . р — м . р,   г . л — г . л.

*Намуна*: хурд — хӯрд.

**Машқи 51.** Шеърро хонед ва ба зери садоноки **ӯ** хат кашед.

### Ҳарфи Ӯӯ

**Ӯ**-ро ба сар кулоҳест,
**Ӯ** зеби ҳар нигоҳест.
**Ӯ** дар гулӯву дар гӯш,
**Ӯ** кай шавад фаромӯш?
**Ӯ**-ро, ки рӯйи некӯст,
**Ӯ** ҳаст дар дили дӯст.

**Машқи 52.** Матнро хонед, калимаҳое, ки дар таркиб садоноки **ӯ** доранд ба дафтар рӯбардор кунед. Ба саволҳо ҷавоб нависед.

## Давои дарди гулӯ

Бачае ба назди ҳакими бузург — Абӯалӣ ибни Сино омада гуфт:

— Табиби мӯҳтарам, чанд вақт аст, ки гулӯям дард мекунад, маро табобат кунед.

— Пеш аз хӯрок хӯрдан дастатро шӯй, — гуфт Абӯалӣ ибни Сино, гулӯи беморро дида.

— Охир ман ба шумо дастам дард мекунад, нагуфтам-ку, — норозигӣ баён кард бача.

— Медонам, ки гӯлӯят дард мекунад.

— Ин тавр бошад, даст ба гулӯ чӣ алоқа дорад? — пурсид бача.

— Алоқааш ин аст, ки ту хӯрокро бо дасти ношуста мехӯрӣ. Хӯрокхӯрӣ ҳам одоб дорад.

*Аз маҷаллаи «Чашма»*

1. Бача ба назди кӣ омад?
2. Абӯалӣ ибни Сино чӣ маслиҳат дод?
3. Оё шумо пеш аз хӯрок хӯрдан дастатонро мешӯед?

# ДАРСИ 19. САДОНОКИ И

**Машқи 53.** Садоноки **и**-ро дар мобайн кор фармуда, даҳто калима нависед.

**Машқи 54.** Матнеро, ки аз рӯйи мазмуни расм тартиб дода шудааст хонед ва ба дафтаратон рӯбардор кунед. Ба зери калимаҳои дар таркиб садоноки **и** дошта, хат кашед.

## Ошхонаи мактаб

Ошхонаи мактабамон васеъ ва калон аст. Мо ҳар рӯз дар он ҷо хӯрок мехӯрем. Ошпазҳо ба мо хӯрокҳои бомаза мепазанд. Хонандагони навбатдор дар нисфирӯзӣ ба ошхона рафта барои мо нон, чой ва хӯрокҳоро ба рӯйи миз тайёр мекунанд. Мо ба ҷойи худ нишаста пеш аз таомхӯрӣ бо овози баланд «иштиҳои хуш» мегӯем. Бо риояи одоб хӯрок мехӯрем. Бо иҷозати устод аз ҷо хеста, ба шахсоне, ки таомро тайёр кардаанд, «ташаккур» мегӯем.



**Машқи 55.** Ҳарфи **и**-ро дар аввали калима кор фармуда дахто калима нависед, ки номи одамонро ифода кунад.

## ДАРСИ 20. САДОНОКИ Э

**Машқи 56.** Калимаҳои дар поён навиштаро хонед ва ба дафтар кӯчонед.

Элак, эълон, эшон, эътироз, эътироф, эътиқод, эҳсон, эҳтиёт, эҳтимол, эҳтиром, эҳсос, эҷод, эҳё.

**Машқи 57.** Чистонро хонед, ҷавобашро ёбед.

Ин сӯ равам, мезанӣ,
Он сӯ равам, мезанӣ.
Гуноҳи ман чист, ки
Шатта-шатта мезанӣ?



**Машқи 58.** Дар вақти хондани калимаҳо ба талаффузи садоноки **э** ва ҳарфи **е** эътибор дода, фарқашонро гӯед.

Эзоҳталаб, шеър, хеш, деҳқон, эшон, шанбе, эҷодкор, эътибор, васеъ.

**Машқи 59.** Ба ҷойи нуқта садоноки **Э**-ро кор фармуда, калимаҳои ифодакунандаи номи одамонро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

. ҳсон, . лмурод, . лдор, . ргаш, . гам, . мин, . ътибор

*Намуна*: Эътибор.

## Дарси 21. ТАКРОРИ ОВОЗҲОИ САДОНОК



**Тест**

1. Дар кадом банд ҳарфҳои садонок ҳаст?

а) а, о, у, ӯ, и, э в) р, т, х, ӯ
б) в, а, г, д, ф

2. Дар забони тоҷикӣ чандто ҳарф ва овози садонок ҳаст?

а) 6-то б) 10-то в) 24-то

3. Садонок ва ҳамсадоҳо чиро ташкил медиҳанд?

а) овозҳои нутқро б) ҳиҷоро в) ҷумларо

## Дарси 22. ХУШХАТ НАВИШТАНИ КАЛИМАҲО

**Машқи 60.** Калимаҳоро ба дафтар хушхат нависед.

Абр, абрешим, авлод, адаб, андеша, атр, одамдӯст, олуболу, оташзабон, ошён, узр, умрбод, ушшоқ, умедбахш, ӯмоч, ӯсма, ӯҳда.

# Дарси 23. ОВОЗ ВА ҲАРФҲОИ ҲАМСАДО

Овозҳое, ки дар вақти талаффуз ба монеа дучор мешаванд, ҳамсадо ба шумор мераванд. Б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ ҳарф ва овозҳои ҳамсадо мебошанд.

**Машқи 61.** Калимаҳои гуногунмаънои бо як ҳарфу овозҳо ивазшударо хонед. Фарқияти онҳоро аз ҷиҳати маъно фаҳмонед.

Мош — қош, хоно — доно, шона — дона, дор — нор, дав — нав, дам — нам, гул — пул, дил — гил, шир — пир.

**Машқи 62.** Аз рӯйи расм номи меваҳои тирамоҳиро номбар кунед.



**Машқи 63.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҷуфти калимаҳоро нависед.

Шаст — ..., тахт — ..., таб — ...,
рав — ..., лона — ..., мор — ...,
хона — ... .

**Калимаҳо барои истифода:**
шона, дона, чор, паст, шаб, дав, бахт
**Намуна:** хона — шона.

## Дарси 24. ҲАМСАДОҲОИ ҶУФТ



Б-п, в-ф, д-т, з-с, г-к ҳамсадоҳои ҷуфт ба шумор меравcovered.

Одатан дар охири баъзе калимаҳо ба ҷойи б — п, ба ҷойи з — с, ба ҷойи д — т, ба ҷойи г — к, ба ҷойи в — ф талаффуз карда мешавад.

**Машқи 64.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед. Ҳамсадоҳои ҷуфтро муайян карда, ба зераш хат кашед.

Панд — банд — қанд, рӯ — мӯ — бӯ, жола — шола — мола — нола — хола — кола, дар — тар — зар — пар — сар, гард — кард, суд — зуд — буд — шуд — пуд.

**Машқи 65.** Дар рӯбарӯ ҷуфти ҳамсадоҳоро нависед.

| | |
|---|---|
| б — | з — |
| в — | ҷ — |
| д — | г — |

**Машқи 66.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб ташкил намоед.

## «Шино»

Як писараки хушсурати шаҳлочашм, ки се дандони пешаш аз қатори боло набуд, бодом мешикаст. Таги санг не, таги дандон гузошта мешикаст. Хостам, ки ӯро ислоҳ кунам. Номашро пурсидам:

— Шино! — гуфт ӯ.

— Шино? — ҳайрон шудам ман.

— Номи нав?!

— Не, — гуфт вай. — Шино!

— Бале, бале, Шино! Ш, и, н, о!

— Писарак норозӣ шуд. Ман суханро ғоз надода гуфтам:

— Шинобек, бодомро бо дандон шикастан хуб нест!

— Шино қаноатманд чанд дона бодоми кафашро ба кисааш рехт. Ин дам аз он тарафи кӯча писараке фарёд зад:

— Сино! Сино, зуд биё! Рафтем!

Оҳо, Шино не, Сино будааст!

— Дидӣ, — гуфтам ман. — Бе дандон ҳатто номатро гуфта наметавонӣ!

*Аз маҷаллаи «Чашма»*

**Машқи 67.** Аз рӯйи намуна бо иштироки ҳамсадои ҷуфт шашто калима нависед.

*Намуна:* бой — пой, васл — фасл.

## Дарсҳои 25—26. ТАРТИБ ДОДАНИ МАТН АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориш.** Аз рӯйи расм ва мазмуни он фикратонро хаттӣ баён кунед.



## Дарсҳои 27—28. НАВИШТАНИ ҲАМСАДОҲОИ ҶУФТ

**Машқи 68.** Шакли дастнависи ҳамсадоҳои ҷуфтро аз рӯйи тартиб ба дафтар нависед.

б — п, в — ф, д — т, з — с

**Машқи 69.** Матнро хонед ва фикратонро баён кунед. Даҳ калима интихоб карда, ба дафтар нависед.

## Одоби меҳмоннавозӣ

Ба хонаатон меҳмон ояд, «хуш омадед, нури дида тоҷи сар» гуфта пешвоз гиред. Ба ҳуҷраи меҳмонқабулкунӣ дароварда ба нишастан таклиф кунед. Меҳмонро аз худ боло ҷо дода, бо чеҳраи кушод ва лаби ба табассум моил аз меҳмон ҳол пурсед. Сӯҳбат ороста, одоби меҳмоннавозиро ба ҷо оред. Вақти бозгашти меҳмон ба либоспӯшиаш ёрӣ расонида, пойафзолашро пеш гузоред. То масофаи муайян бо меҳмон роҳ рафта «хуш омадед, боз биёед» гуфта, хайру хуш намоед.

## Дарси 29. ҲАМСАДОҲОИ ШАДДА

Ҳамсадоҳои якхелаи ҳампаҳлӯ навишташуда ҳамсадои такрор (шадда) ном дорад.

**Машқи 70.** Калимаҳоро хонед, ҳамсадоҳои такрор (шадда)-ро муайян кунед.

Рассом, ҷаннат, таманно, тилло, муваффақият, муаллим, барра, арра, лаззат.

**Машқи 71.** Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, ба дафтар нависед.

Шадда, қувва, муфассал, пашша, муддат, табассум, муҳаббат, наққош.

**Машқи 72.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Офтоб нурҳои ... худро ба замин мепошад. 2. Модар ба кӯдаки ширхораш суруди ... мехонад. 3. Ман ва бародарам дарахти хушкро ... кардем. 4. Овози форами ... ба гӯши ҳама мефорид.

**Калимаҳо барои истифода**: алла, арра, Садриддин, заррини

**Машқи 73.** Даҳто калима нависед, ки дар таркиб ҳамсадоҳои шадда дошта бошад.

## Дарси 30. АЗ САТР БА САТР ГУЗАРОНИДАНИ ҲАМСАДОҲОИ ТАКРОР

Дар вақти аз сатр ба сатр гузаронидан ҳарфи аввали ҳамсадои такрор дар сатри аввал мемонад ва ҳарфи дуюмӣ ба сатри дигар кӯчонида мешавад. Пас ва пеш аз он хатча (-) гузошта мешавад: ма-ҳал-ла.

**Машқи 74.** Калимаҳои ҳамсадои такрор (шадда) доштаи аз сатр ба сатр кӯчонидаро ба дафтар рӯбардор кунед.

Ар-радос, ар-рапушт, бар-ракабоб, муал-лим, диқ-қат, машақ-қат, шу-ур, боқув-ват, дар-ра.

**Машқи 75.** Калимаҳои поёниро ҳамчун намуна ба қисмҳо ҷудо кунед.

Хуррам, зарра, заррингул, макка, шаддод, ҷарроҳ, бутта, бурро, бӯрранг, васса, иззат.

*Намуна:* бӯр — ранг.

## Дарси 31. НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ ҲАМШАКЛ

**Машқи 76.** Шакли хурд ва калони дастнависи ҳамсадоҳои ҳамшаклро ба дафтар нависед.

**Машқи 77.** Калимаҳоро хушхат нависед.

Гавҳар, Гуландом, Гулрухсор, Ғаффор, Ғафур, Ғиёс, Аслиддин, Қобил, Қаҳҳор, Хайрулло, Хайринисо, Ҳалимзода, Ҳабибулло, Фаттоҳ.

## Дарси 32. ТАКРОРИ ҲАМСАДОҲО



**Тест**

1. Ҳавои аз шуш баромадаи ба садопардаҳо бархӯранда чӣ гуна овозҳоро ташкил медиҳад?

а) ҳамсадоро
б) садонокро
в) калимаро

2. Б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш чӣ гуна ҳарфҳоянд?

а) ҳамсадоҳо
б) садонокҳо
в) ҳеҷ гуна ҳарфҳо

3. Ҷуфти ҳамсадоҳои **д** ва **з**-ро муайян кунед.

а) т, с  б) п, ф  в) ш, ч, к

## Дарси 33. ҲАРФҲОИ ЁТБАРСАР

Я, ю, ё, е ҳарфҳои ётбарсар мебошанд, ки онҳо ду овозро ифода мекунанд: й + а = я, й + у = ю, й + о = ё, й + э = е.

**Машқи 78.** Калимаи ҳарфҳои ётбарсардоштаро муайян карда, ба дафтар нависед.

Юсуф, Дилбар, Зулайхо, Фаррух, Лайло, Ҷаҳонгир, Маҷнун, Зулфия, Ёдгор, Рухшона, Шамсия, Қурсия, Яҳё.

**Машқи 79.** Ҳарфҳои ётбарсарро дар аввал ва охир кор фармуда, калимаҳо нависед.

**Машқи 80.** Бо интихоби ҳарфҳои ётбарсар панҷтогӣ мисол нависед.

## Дарси 34. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 81—82

**Машқи 81.** Матнро хонед, калимаҳое, ки дар таркибашон ҳарфҳои ётбарсар доранд, муайян кунед. Сонӣ онҳоро ба дафтар хушхат рӯбардор кунед.

Яҳё ва Қайюм ҳамсоя мебошанд. Чанд сол аст, ки ҳар дуяшон дӯстию ошноӣ доранд. Онҳо монанди акаю ука ба ҳамдигар дилсӯзу ғамхор мебошанд. Ба кори ҳамдигар ва бародаронашон Юсуфу Юнус, Ёдгору Яъқуб ёрӣ мерасонанд.

**Машқи 82.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Имсол мо панҷ бор ... даравидем.
2. Ман ба ҳамроҳи бобоям ниҳоли ... шинондам.
3. ... овози форам дорад.

**Калимаҳо барои истифода:** Шабнам, шафтолую зардолу, юнучқа

## Дарси 35. ХУШХАТ НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ ЁТБАРСАР

**Машқи 83.** Шакли калон ва хурди ҳарфҳои ётбарсар ва порчаи шеъриро ба дафтар хушхат нависед.

Якдилу якҷиҳату якрӯ бош,
В-аз дурӯёни ҷаҳон як сӯ бош.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

## Дарси 36. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ ЯКУМ

## Дарси 37. АЛОМАТИ САКТА (Ъ)

Аломати сакта (ъ) дар мобайн ва охири калима меояд. Дар вақти ба ҳиҷо ҷудо кардани калимаҳо он дар қисми аввал мемонад: даъ-во, маъ-но.

**Машқи 84.** Хонед, калимаҳое, ки дар таркиб аломати сакта доранд, ҷудо карда нависед.

Аъло, шаффоф, равшан, Раъно, илм, маърифат, фарҳанг, аъзо, ошён, маъно.

**Машқи 85.** Фарқи маънои калимаҳоро гӯед.

Шеър — шер, сурат — суръат, шӯла — шӯъла, ман — манъ, таб — табъ.

**Машқи 86.** Ҷумлаҳои зеринро ба дафтар нависед. Баъд аз он ба зери калимаҳое, ки аломати сакта доранд, хат кашед.

1. Мо рӯзи ҷумъа ба кӯҳ меравем.
2. Рофеъ ва Самеъ ба лаби дарё мераванд.
3. Маъруф бо Масъуд ба кино рафт.

4. Падарам китоби таърихро ба ман нишон дод. 5. Амаки Мӯъмин санъаткор — наққош аст.

**Машқи 87.** Дахто калимаеро, ки дар таркиб аломати сакта доранд, нависед.

## Дарси 38. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 88—91

Дар ин гуна маврид аломати сакта (ъ) навишта намешавад: мавзӯъ — мавзӯи нав, толеъ — толеи баланд, Самеъ — Самею Раҳим.

**Машқи 88.** Ба ҷойи нуқта ҳарфҳои мувофиқ гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра хонед.

Фе . л, ҷам . , ма . рӯза, э . лон, Ма . қул, шам ., тобе . , Са . дулло, та . риф, та . тил, Ра . но, ма . но, шурӯ . , моне . .

**Машқи 89.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо нависед. Фарқи онҳоро гӯед.

1. Мо гови **ало** дорем. 2. Ман баҳои **аъло** гирифтам. 3. Синба ном **шер** шоҳи шерон аст. 4. То охири соли хониш **шеърҳои** бисёреро аз ёд мекунам.

**Машқи 90.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи мувофиқ гузошта ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Ман ... баланд дорам. 2. Ин сурати ... аълочӣ аст. 3. Мо ... гузаштаро такрор мекунем.

**Калимаҳо барои истифода:** толеъ, Рофеъ, мавзӯъ.

**Машқи 91.** Панҷто номи одамонеро нависед, ки дар таркиб аломати сакта (ъ) дошта бошад.

## Дарси 39. ҲАРФИ Й

Ҳарфи **й** дар аввал, мобайн ва охири калимаҳо меояд: йигит, йӯрға, майдон, маймун, най, чой.

**Машқи 92.** Калимаҳоро хонед ва мавриди истифодаи ҳарфи **й**-ро номбар кунед.

Пойгаҳ, қаймоқ, тӯй, лой, ҷӯй, бӯй, рӯй, майданақш, майдон, майсазор.

**Машқи 93.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Аз қишлоқи мо ... калон мегузарад. 2. Гули садбарг ... хуш дорад. 3. Синфи мо аз ҳар ҷиҳат дар ... якум меистад.

**Калимаҳо барои истифода:** бӯй, ҷой, ҷӯй.

## Дарси 40. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 94—97

**Машқи 94.** Калимаҳои зеринро ба дафтар рӯбардор кунед.

Чойхона, ҳайрон, маймун, ҳайвон, карнай, сурнай, ҷайра, майда, райҳон, вайрон, шайтон.

**Машқи 95.** Ҷумлаҳои поёниро хонед ва ба дафтар навишта, ба зери ҳарфи **й** хат кашед.

1. Падарам чой ва чойник харида омад. 2. Ман ҳар рӯз нону қаймоқ мехӯрам. 3. Бачаҳо барои футболбозӣ майдонча сохтанд. 4. Най яке аз асбобҳои мусиқӣ аст. 5. Ҳамеша дарс тайёр кунед ва китоб хонед. 6. Аз нонвойхона нони гарм харидам.

**Машқи 96.** Бозии «Рақам ва ҳиҷо».

Тартиби иҷрои бозӣ чунин аст: Дар бозӣ то 10 рақам гирифта мешавад. Ҳар як рақамро бо ҳиҷои дилхоҳатон ифода намуда метавонед. Ҳиҷоҳоро ба якдигар ҷамъ кунед, калима ҳосил мешавад Масалан, шумо бо рақами 1 ҳиҷои «моҳ», 2 — «тоб», бо 3 — «оф», бо 4 — «ки», бо 5 — «дор»-ро ифода кунед. Акнун бозӣ мекунем.

1 + 2 = . . . 4 + 2 = . . .

3 + 2 = . . . 4 + 2 + 5 = . . .

Натиҷаи бозӣ: моҳтоб, офтоб, китоб, китобдор.

**Машқи 97.** Ҳарфи **й**-ро дар мобайн ва охир кор фармуда, даҳто калима нависед.

## Дарси 41. ҲИҶО

Калима аз як ва ё якчанд ҳисса таркиб меёбад. Ҳамон ҳисса **ҳиҷо** ном дорад. Ҳиҷо воҳиди хурдтарини нутқ аст.

**Машқи 98.** Аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо созед.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| до | кир | сав | тар | рик | бе | ла | шо |
| ки | рон | ниш | мак | на | гур | тоб | хор |
| са | дом | ман | беҳ | ча | пос | дим | боғ |
| бо | фар | таб | буз | ҳо | шӯр | чир | лӣ |
| за | ан | бон | ба | чин | о | сан | ло |

**Машқи 99.** Ҳиҷои калимаҳои поёниро муайян кунед.

Тирамоҳ, хазонрезӣ, шамол, хунук, борон, саҳро, пахта, ҳосилғундорӣ.

**Машқи 100.** Даҳто калима нависед ва ба ҳиҷоҳо тақсим кунед.

## Дарси 42. САДОНОКҲОИ ҲИҶОСОЗ

Садонокҳо ҳарфу овозҳои ҳиҷосоз мебошанд. Миқдори ҳиҷо ба миқдори садонокҳо баробар мешавад. *Мисол*: хона. Калимаи **хона** аз ду ҳиҷо **хо-на** таркиб ёфтааст. Дар таркиби калима садоноки **о** ва **а** ҷо дорад.

**Машқи 101.** Ҳиҷоҳои калимаҳоро муайян кунед.

Ҳамкор, истиқоматгоҳ, хобгоҳ, суханвар, хушфеъл, баодоб, хоксор, меҳрубон, дилсӯз, чобук, серҳаракат, бақувват, модар, гирифтан, лабханд, гаҳвора, забон, ғунча.

*Намуна*: ис-ти-қо-мат-гоҳ.

**Машқи 102.** Пандро хонед, ҳиҷои калимаҳоро муайян кунед.

Некӣ куну нек андеш, то некӣ бубинӣ беш.

**Машқи 103.** Калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо карда нависед ва ба зери садонокҳо хат кашед.

Сухандон, суханшинос, суханчин, масъул, маълум, муаллим, шифокор, дуредгар, ҳунарманд, хушманзара, зебо, бӯрё.

## Дарсҳои 43—44. АЗ ЯК САТР БА САТРИ ДИГАР ГУЗАРОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

Агар калима ба сатр нағунҷад, ҳиссаи он ба сатри дигар гузаронида мешавад. Калимаро фақат ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, аз як сатр ба сатри дигар гузаронидан мумкин аст. Дар вақти ба сатри дигар гузаронидан хатча (-) гузошта мешавад. Калимаи як ҳиҷо дошта аз як сатр ба сатри дигар гузаронида намешавад.

**Машқи 104.** Калимаҳои зеринро ба дафтар нависед. Тартиби аз сатр ба сатр кӯчонидани онҳоро бо гузоштани хатча (-) нишон диҳед.

Гузар, кӯча, деҳа, обод, хушманзара, зебо, одамон, ҳунарманд, меҳрубон, мададрасон.

**Машқи 105.** Шашто калима нависед ва ба сатри дигар гузаронидани ҳиҷоҳои онҳоро бо хатча нишон диҳед.

**Машқи 106.** Аз мисолҳои поёнӣ калимаҳои аз сатр ба сатр гузарониданашавандаро муайян кунед.

Бозор, нав, кӯҳна, тоза, дур, наздик, қалам, пул, дафтар, шаш, нӯҳ, фарзанд, роҳ, чобук, даромад, хурсанд.

Агар ҳиҷои аввали калима аз як ҳарф иборат бошад, он дар сатри боло танҳо гузошта намешавад.

| **Нодуруст:** | **Дуруст:** |
|---|---|
| О-рифа | Ори-фа |
| о-бодӣ | обо-дӣ |
| У-марҷон | Умар-ҷон |

Агар ҳиҷои охири калима аз як ҳарф иборат бошад, он ҳам ба сатри поён гузаронида намешавад:

| **Нодуруст:** | **Дуруст:** |
|---|---|
| Сурай-ё | Су-райё |
| лӯби-ё | лӯ-биё |
| якҷо-я | як-ҷоя |

**Машқи 107.** Даҳто калима нависед ва ба ҳиҷоҳо тақсим кунед.

**Машқи 108.** Дар байни ҳарфҳои якхелаи ҳампаҳлӯ хатча гузошта, ба қисмҳо ҷудо кунед.

Ассалом, заррин, шадда, Фаррух, пашша, парранда, табассум, Абдулло.

## Дарсҳои 45—46. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 47. АЛИФБОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ҳарфҳо ва тартиби муайяни онҳо алифбо ном дорад.

Ҳарфҳо шаклҳои гуногун доранд: калон, хурд, чопӣ ва дастӣ.

**Машқи 109.** Ҳарф ва овозҳои алифбои забони тоҷикиро овоз баровварда хонед.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Чопӣ | А а | Б б | В в | Г г | Ғ ғ | Д д | Е е |
| Дастӣ | *Аа* | *Бб* | *Вв* | *Гг* | *Ғғ* | *Дд* | *Ее* |
| Номи ҳарф | а | бе | ве | ге | ғе | де | йе |
| Чопӣ | Ё ё | Ж ж | З з | И и | ӣ | Й й | К к |
| Дастӣ | *Ёё* | *Жж* | *Зз* | *Ии* | *ӣ* | *Йй* | *Кк* |
| Номи ҳарф | йо | же | зе | и | и - и | йот | ке |
| Чопӣ | Қ қ | Л л | М м | Н н | О о | П п | Р р |
| Дастӣ | *Ққ* | *Лл* | *Мм* | *Нн* | *Оо* | *Пп* | *Рр* |
| Номи ҳарф | қе | ле | ме | не | о | пе | ре |
| Чопӣ | Сс | Т т | У у | Ӯ ӯ | Ф ф | Х х | Ҳ ҳ |
| Дастӣ | *Сс* | *Тт* | *Уу* | *Ӯӯ* | *Фф* | *Хх* | *Ҳҳ* |
| Номи ҳарф | се | те | у | ӯ | фе | хе | ҳе |
| Чопӣ | Ч ч | Ҷ ҷ | Ш ш | ъ | Э э | Ю ю | Я я |
| Дастӣ | *Чч* | *Ҷҷ* | *Шш* | *ъ* | *Ээ* | *Юю* | *Яя* |
| Номи ҳарф | че | ҷе | ше | ъе ё ъайн | э | йу | йа |

**Машқи 110.** Аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо ному насаби ҳамсинфонатонро нависед.

## Дарси 48. ТАКРОРИ ОВОЗ ВА ҲАРФҲО

1. Ҳавои аз шуш бароянда чиро ҳосил мекунад?
2. Овозро мо чӣ кор мекунем?
3. Дар алифбои забони тоҷикӣ чандто ҳарф ҳаст?

# КАЛИМА

## Дарси 49. КАЛИМА

Калима аз овозу ҳарфҳо таркиб меёбад. Он ном, аломат, ҳаракат, адад барин маъноҳоро ифода мекунад.

*Мисол*: суруд, форам, мехонад, се.

**Машқи 111.** Байтро хонед, дар сатри аввал ва дуюм чандтоӣ калима буданашонро муайян кунед.

Меҳнат ҳамон, ки халқ аз ӯ
баҳравар шавад,
Гул карда боғу роғи Ватан
пурсамар шавад.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 112.** Аз калимаҳои дохили катакчаҳо истифода бурда, калимаҳои нав созед.

*Намуна*: китобхона.



| |
|---|
| хон |
| дӯст |
| фурӯш |
| хона |
| шинос |

**Машқи 113.** Пандҳоро хонед ва аз чанд калима иборат буданашонро гӯед.

1. Дониш хоҳӣ, пурсон бош.
2. Зинати шахс ба илму ҳунар аст.
3. Ба нони касон чашм мадоред.
5. Ростгӯӣ хислати беҳтарини инсон аст.

**Машқи 114.** Номи предметҳои дар синф бударо нависед.

## Дарсҳои 50–51. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 115—117

**Машқи 115.** Аз калимаҳои дохили катакчаҳо истифода бурда, калимаҳои нав нависед.

*Намуна*: гулдон.

| |
|---|
| барг |
| дӯст |
| фурӯш |
| андом |
| шинос |



| |
|---|
| карам |
| ранг |
| чеҳра |
| ғунча |
| дон |

**Машқи 116.** Матнро хонед. Ҷумлаҳои дилхоҳро ба дафтар нависед ва аз чанд калима иборат буданашонро гӯед.

## Зимистон

Фасли зимистон ҳаво хунук мешавад. Барф меборад. Бачаҳо дар рӯйи барфу ях чавгонбозӣ ва яхмолакбозӣ мекунанд. Барфҳои рӯйи ҳавлӣ ва саҳни мактабро мерӯбанд. Барои худ пайраҳа ва роҳ мекушоянд. Аз барф Бобои барфӣ месозанд. Дар гирди он суруду таронаҳо хонда мерақсанд.

**Машқи 117.** Дахто калимаи дуҳиҷоӣ нависед.

## Дарси 52. БАЁНИ ФИКР АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориш.** Ба расм сарлавҳа интихоб кунед ва матн тартиб диҳед.



## Дарси 53. ХУШХАТ НАВИШТАНИ КАЛИМАҲО

**Супориш.** Калимаҳоро хонед ва ба дафтар хушхат нависед.

Барф, борон, хунук, ҳаво, ростқавл, доно, зебо, ҳушёр, ҳозирҷавоб, пешқадам, аълохон, мададрасон, дастёр, чобук, ғамхор.

## Дарси 54. КАЛИМАҲОИ ЯКҲИҶОӢ



Калимаҳо аз як ҳиҷо, ду ҳиҷо, се ҳиҷо, чор ҳиҷо ва зиёда аз он таркиб меёбанд. Вобаста ба адади ҳиҷоҳо калимаҳо номҳои алоҳида доранд. Монанди калимаҳои якҳиҷоӣ, дуҳиҷоӣ, сеҳиҷоӣ, чорҳиҷоӣ ...

**Машқи 118.** Шеърро бо овозбарорӣ хонед ва ба дафтар навишта, ба зери калимаҳои якҳиҷоии он хат кашед.

## ХОБ

Шаб майли хоб кардам,
Хобам наомад.
То даҳ ҳисоб кардам,
Хобам наомад.

То навад кардам ҳисоб,
Хобам наомад.
То ба сад кардам ҳисоб,
Хобам наомад.

Аз нав бурдам бесадо
То сад ҳисобам ...
Саҳар хезам, ки кайҳо
Бурдаст хобам!

Низом Қосим

**Машқи 119.** Калимаҳои якҳиҷоиро ба дафтар рӯбардор кунед.

Нав, зар, бор, тар, саг, асп, буз, ҷӯй, мӯй, мурғ, ғоз, абр, боғ, ман, барф, нок, себ, об, нон, чой, шир.

**Машқи 120.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаи якҳиҷоии мувофиқро гузошта, ба дафтар нависед.

1. Модагови алои мо … медиҳад. 2. Баргҳои дарахти … рехтааст. 3. Гурбаи … Малла ном дорад. 4. … ва … тамъҳои ба худ хос доранд. 5. Ман ба мурғҳо … додам.

**Калимаҳо барои истифода:** нок, дон, себ, ман, боғ, шир.

**Машқи 121.** Даҳто калимаи якҳиҷоӣ нависед.

## Дарси 55. КАЛИМАҲОИ ДУҲИҶОӢ

**Машқи 122.** Калимаҳои поёниро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Хона, шона, китоб, дафтар, харид, калон, зебо, соат, гурба, чинор, шамол, форам, баҳор.

**Машқи 123.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои дуҳиҷоиро ёфта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Ҳезум, ҳайкал, барг, гов, алаф, ташна, сол, борид, Нодир, Собир, шӯрбо, моҳ, рафиқ, бародар, кино, фасл, сарой, қаср, доно.

**Машқи 124.** Аз лавҳи хотир понздаҳто калимаҳои духиҷоӣ нависед.

**Машқи 125.** Ҷумлаҳоро хонед ва калимаҳои духиҷоиро ба ҳиссаҳо тақсим карда нависед.

1. Ин хона калон аст. 2. Хона се тиреза дорад. 3. Девор сафед аст. 4. Дар девор ду сурат ва соат ҳаст. 5. Ман ду дафтар харидам. 6. Дар кӯза об ҳаст.

## Дарси 56. КАЛИМАҲОИ СЕҲИҶОӢ

**Машқи 126.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои сеҳиҷоиро ёфта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Нурпош, беҳтарин, мижгон, қаҳваранг, абрӯвон, пешона, васеъ, китобхона, бемор, дарахтон, девор, либосҳо, ғурриш, дандон, фиребгар, харгӯш, лона, тирамоҳ, сабзавот.

**Машқи 127.** Матнро хонед ва аз таркиби он даҳ калимаи дилхоҳро ба ҳиҷоҳо тақсим карда нависед.

## Барфи аввал

Шамол бо шиддат мевазид. Ин шамоли хунуки зимистон буд. Шамол баргҳои охирини дарахтҳоро низ ба замин мерезонд. Ҳаво салқин аст. Аз атроф ҳар вақт овози ғурриши шамол меояд. Дарахтон меҷунбанд. Борон борида меистад.

Имшаб бисёр барф борид. Вай ҳама ҷоро фаро гирифт. Рӯйи ҳавлӣ ва бому деворҳо сафед шуданд.

«Зимистон, зимистон!» — гӯён бачаҳо фарёд карданд. Онҳо шоду хурсанд буданд. Бачагон либосҳои зимистонии худро пӯшиданд. Имрӯз ҳама ба якдигар барфӣ менависанд.

## Дарси 57. КАЛИМАҲОИ ЧОРҲИҶОЙ

**Машқи 128.** Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои чорҳиҷоиро ёфта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Тезҳаракат, чормағз, медонад, муаллимон коғазпеч, оташфишон, супоришҳо, сералаф, дилкушо, бешазор, паррандаҳо, кордча, саховатманд, пур, холӣ.

**Машқи 129.** Катакчаҳои холии ҷадвалро бо навиштани калимаҳо пур кунед.

| Калимаҳои якҳиҷоӣ | Калимаҳои духиҷоӣ | Калимаҳои сеҳиҷоӣ | Калимаҳои чорҳиҷоӣ |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

**Машқи 130.** Даҳто калимаи чорҳиҷоӣ нависед.

*Намуна*: кӯр-ша-па-лак.

## Дарси 58. ХУШХАТ НАВИШТАНИ КАЛИМАҲО

Бозор, гул, пул, офтоб, моҳ, нон, намак, савсан, сиёҳгӯш, хониш, кабк, Мунаввар, устухон, сартарошхона, чойхона, харбуза, тарбуз, халтача, ҳисса, ақибнишин, навозишкорона, сангин, борфурор, аробакаш.

## Дарси 59. ТАКРОРИ КАЛИМАҲО

1. Калима аз чиҳо таркиб меёбад?

а) аз овозу ҳарф б) аз аломатҳо
в) аз ибораҳо

2. Чӣ ном, аломат, ҳаракат, адади предмет барин маъноҳоро ифода мекунад?

а) ҳарфу овоз
б) калима
в) ҷумла

3. Калимаҳои якҳиҷоӣ дар кадом банд навишта шудааст?

а) сол, моҳ, пур, дур, ид
б) сана, ҳафта, наздик
в) шодон, хандон, хурсанд

4. Кадоме аз ин калимаҳо ба ҳиҷоҳо тақсим намешаванд?

а) қанд, шакар, равған
б) шир, сир, нон
в) харидан, хӯрдан, дидан

5. Дар кадом банд калимаҳои дуҳиҷоӣ навишта шудааст?

а) садаф, лӯхтак, либос, курта
б) гаҳвора, рангин, харидор
в) дӯст, даст, дод

6. Калимаҳоеро, ки сеҳиҷоианд муайян кунед.

а) рахт, тахт, бахт
б) рафтор, гуфтор, бача
в) насиҳат, гуфтугӯ, назокат

## Дарси 60. БАЁНИ ФИКР АЗ РӮЙИ МАЗМУНИ МАТН

**Супориши 1.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

### Мӯрча ва кабӯтар

Кабӯтаре ба доми сайёд афтод. Мӯрчае инро дида, ба куртаи сайёд даромад. Мӯрча пушти сайёдро сахт газид. Сайёд тоқат накарда, тӯрро партофт. Кабӯтар халос шуду парида рафт.

Як рӯз мӯрча ташна монд. Вай ба лаби ҷӯй фуромад. Мавҷи об мӯрчаро гирифта бурд. Кабӯтар аз ин огоҳ гардид. Як химчаи дарозро оварда ба ҷӯй партофт. Мӯрча ба химча часпид. Мӯрча аз мурдан наҷот ёфт. (*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*)

## НОМИ ПРЕДМЕТҲО

## Дарси 61. НОМИ ПРЕДМЕТҲО

Предметҳо номҳои гуногун доранд. Ба ғайр аз номи одамон ба дигар предметҳо саволи **чӣ? чиҳо?** ва ба номи одамон саволи **кӣ? киҳо?** гузошта мешавад. *Мисол*: булбул (**чӣ?**), гулҳо (**чиҳо?**), Ҷаъфар (**кӣ?**), донишомӯзон (**киҳо?**).

**Машқи 131.** Предметҳои ҷондору беҷони дар зер навиштаро муайян карда, дар алоҳидагӣ ба дафтар нависед.

Ватан, модар, модарон, дониш, донишманд, Фарзона, духтарҳо, писарҳо, истгоҳ, Хуршеда, қалам, истиқлол, роҳ, деҳа, деҳаҳо, асп, шеър, беша, биёбон, саҳро, бедона, биноҳо, ҳунармандон, косибон, хонатлас, рӯмол, курта, аспҳо, бедонаҳо.

**Машқи 132.** Аз рӯйи расм ба предметҳо ном гузошта, ба дафтар нависед. Баъд аз он фикратонро баён кунед.





**Машқи 133.** Бозӣ-мусобиқаи «Кӣ тезтар менависад». Номи ашёҳоро илова намуда, калимаҳои нав созед. Ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.





**Машқи 134.** Шеърро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро бо навиштани ҷумлаҳо баён кунед. Ба калимаҳои **зимистон, барф, бозӣ, бачаҳо, хандаҳо** саволҳои мувофиқ гузоред.

## Зимистон

Фасли зимистон омад,
Барфи дурахшон омад.
Бароетон, бачаҳо,
Тафсад бозӣ, хандаҳо.

Чӣ хуш боридааст барф,
Нуқра барин ҳар тараф.
Мо дар ҳар сӯ метозем,
Аз барф одам месозем.

*Абдусалом Деҳотӣ*

## Дарси 62. НОМИ ОДАМОН

Ному насаби одамон бо ҳарфи калон навишта мешавад.

**Машқи 135.** Матнро хонед, номи шоиронро ба дафтар рӯбардор кунед. Гӯед, ки сарҳарфи номи онҳо чӣ гуна навишта шудааст?

### Шоирони бачагони хурдсол

Шахсе, ки шеър менависад, шоир ном дорад. Шоирон барои мо шеърҳои пурмазмун эҷод мекунанд. Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо, Акобир Шарифӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Наримон Бақозода, Мавҷуда Ҳакимова, Гулрухсор, Алӣ Бобоҷон, Муҳиддин Фарҳат, Озод Аминзода, Нӯъмон Розиқ, Маҳбуба Неъматзода, Мамадалишо Ҳайдаршоҳ, Акбар Қодирӣ, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Зебунисо Файзуллоева барои хурдсолон шеърҳо навиштаанд. Шеърҳои навиштаи онҳоро хондан ва аз ёд кардан вазифаи мо ба шумор меравад. Барои ба даст даровардани шеъру китобҳои навиштаи онҳо шитоб кунед.

**Машқи 136.** Катакчаҳои холии ҷадвалро бо навиштани номи хешовандони худ пур кунед.

| Амаку амакбачаҳо | Холаю холабачаҳо | Тағою тағобачаҳо | Аммаю аммабачаҳо |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## Тест

1. Дар кадом банд калимаи ифодакунандаи номи одамон навишта шудааст?

а) Тозӣ
в) Фархунда
б) Мошон

2. Кадоме аз калимаҳои поёнӣ номи одамонро ифода кардааст?

а) Балоча, Зардак, Гардак, Алояк, Балояк, Хаппак, Майдача
б) Аврангзеб, Ҳушанг, Абдуманнон, Ситорабону
в) Алӯлак, Булӯлак, Ҳушёр

**Машқи 137.** Порчаҳои шеъриро хонед, калимаҳои ифодакунандаи номи одамонро муайян карда, ба дафтар нависед.

Гаҳвораи Зарнигор,
Дорад сад нақшу нигор.

*Маҳбуба Неъматзода*

Гулнозаю Дилноза,
Қолиберо андоза.

*Асад Гулзода*

Нозанину Гулнигор,
Ба ман надоданд анор.

*Муҳаммад Ғоиб*

## Дарси 63. НОМИ КИШВАРҲО

**Машқи 138.** Матнро хонед, сухан дар бораи кадом кишвар рафтааст, гӯед. Номи ҳамон кишварро ба дафтар нависед.

### Номи кишвари мо

Кишвари мо Ўзбекистон ном дорад. Пойтахти он шаҳри Тошканд аст. Дар Ўзбекистон зиёда аз 130 намояндагони миллат ва халқҳо зиндагӣ мекунанд. Барои онҳо шароитҳои хуб фароҳам оварда шудааст. Мо чун фарзандони кишвари худ бо забони модариамон таҳсил мегирем.

Агар Шумо бо баҳоҳои аъло ва хуб хонед, Ватан миннатдор мегардад. Шуморо дӯст медораду мепарварад.

**Машқи 139.** Аз матни шеъри зерин Ватан ва аломатҳои онро рӯнавис кунед, инчунин савол гузоред.

## Ватан

Эй ватани нозанин,
Хубу дилорои ту.
Монанди модари ҷон,
Аз ҳама зебои ту.

Азизию муқаддас,
Ҷону дили мои ту,
Бо ин ҳама бузургӣ
Дар дили мо ҷои ту.

*Қурбон Муҳаммадӣ*

Намуна: Ватани (чӣ хел) нозанин, ...



## Тест

1. Номи кишварамонро муайян кунед.

а) Ўзбекистон
в) Қирғизистон
б) Қазоқистон

2. Дар кадом банд дуруст ба ҳиҷо ҷудо карда шудааст?

а) Ӯзбек-истон
б) Ӯз-бе-кис-тон
в) Ӯз-бекис-тон

**Машқи 140.** Бо кӯмаки хоҳар ва бародарони калонсол ҷойҳои таърихии зодгоҳатонро нависед.

## Дарси 64. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ ДУЮМ

## Дарси 65. НОМИ ШАҲРУ НОҲИЯҲО

**Машқи 141.** Матнро хонед, номи дарвозаҳоро ба дафтар нависед.

### Дарвозаҳои Бухоро

Бухоро дувоздаҳ дарвоза дорад. Номи дарвозаҳои он: Ҳазрати Имом, Самарқанд, Файзобод, Баҳовуддин, Қаршӣ, Қавола Маҳмуд, Қарокӯл, Шергирон, Тали Поч, Ӯғлон, Шайх Ҷалол. Дарвозаҳои Бухороро устоҳои гулдаст бо нақшу нигорҳо кандакорӣ кардаанд. Аз дувоздаҳ дарвозаи Бухоро дутоаш то ҳол бо ҳолати аввал боқӣ мондааст. Дарвозаҳо ҳалқа ва дастакҳои зарҳалтоб доранд. Дар синфҳои

болоӣ дар дарсҳои адабиёт баробари хондани романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро»-и Ҷалол Икромӣ ва асарҳои Садриддин Айнӣ оид ба дарвозаҳои Бухоро пурра маълумот мегиред.

**Машқи 142.** Номи вилоятҳои кишварамон — Ӯзбекистонро хонда, ба дафтар рӯбардор кунед.




**Машқи 143.** Матнро хонед, номи ноҳияҳои вилояти Қашқадарё ва номи деҳаҳои ноҳияи Шаҳрисабзро ба дафтар рӯбардор кунед.

## Номи ноҳияҳо

Шаҳрисабз, Китоб, Яккабоғ, Деҳқонобод, Ғузор, Чироқчӣ номи ноҳияҳои вилояти Қашқадарё мебошанд. Ҳисорак, Сарчашма, Тамшӯш, Нондек, Ғелон, Кӯл, Чунгурак, Чаккӣ, Бешбек, Яккахона, Сайёд, Сувтушар, Мингкӯчар номи деҳаҳо ва Миракӣ шаҳраки ҳамешабаҳори ноҳияи Шаҳрисабз аст. Дар домани кӯҳҳои Ҳисорак пиёзи анзур, момочучук, андиз, шилха, пудина, гулителпак барин гиёҳу растаниҳо мерӯянд.

**Машқи 144.** Номи ноҳияҳои шаҳратонро нависед.

## Дарси 66. НОМИ ДЕҲУ ГУЗАРҲО

**Машқи 145.** Порчаҳои шеъриро хонед, номи деҳаҳоро муайян карда, ба дафтар нависед.

Ба деҳаи Боғи Шамол,
Шамол омад аз шимол.

*Маҳбуба Неъматзода*

Деҳаи Шавгони ман,
Ҳам тану ҳам ҷони ман.

*Асад Гулзода*

Ватан, — мегуфт бобоям, — дигар аст,
Ҳамеша Синтабам пеши назар аст.

*Абдулло Субҳон*

**Машқи 146.** Номи деҳаи худ ва гирду атрофатонро номбар кунед.

**Машқи 147.** Матнро хонед, номи деҳа, ноҳия ва шаҳрҳоро муайян кунед.

Дар музофоти Бухоро, дар ноҳияи Ғиждувон Хоҷа Соктаре ном деҳае ҳаст, ки хоҷагони он ҷо ба девбандӣ машҳур буданд. Аз мардуми атрофи Бухоро то Миёнкол касоне, ки ба бемории рӯҳӣ гирифтор мешуданд, ба он ҷо меоварданд ва аз он ҷо шифо металабиданд.

*Аз «Аҳмади Девбанд»-и Садриддин Айнӣ*

**Машқи 148.** Номи гузарҳои ҷойи зистатонро нависед.

## Дарси 67. НОМИ КӮҲУ ДАРЁҲО

**Машқи 149.** Хонед ва сухан дар бораи кадом дарё рафтааст, гӯед.

### Дарёи сершохоб

Ҳар як дарё шохоб дорад. Шохоб дарёчаи хурд аст, ки ба дарёи калон мерезад.

Баъзе дарёҳо ду-се ё панҷ-шаш шохоб доранд, аммо Зарафшон зиёда аз 100 шохоб дорад.

Дар қадим Зарафшонро Рӯди Суғд, Наҳрул Бухоро, Кӯҳак низ мегуфтанд.

**Машқи 150.** Номи дарёҳои Ӯзбекистонро бо ҳаракати ақрабаки соат хонед ва ба дафтар пайиҳам нависед.




**Машқи 151.** Хонед ва номи дарёҳоро ба дафтар нависед.

Дарёҳоро ҳар хел ном мебаранд: кӯҳӣ, ҳамворӣ, шӯх, ором, ваҳшӣ, ширин, шӯр, кӯтоҳ, дароз, тоза, ифлос, хурд, калон. Баъзе дарёҳо нисф шӯху нисф ороманд, зеро баъди ба ҳамворӣ расидан гӯё хаста мешаванду ба манзилашон базӯр мерасанд.

Амударё, Сирдарё, Зарафшон, Қашқадарё, Сурхондарё, Чирчиқ, Норин, Исфайрамсой, Сух, Қорадарё, Ғузордарё, Сангзор, Оҳангарон, Ғовасой, Зоминсув, Шероббоддарё ва ғайраҳо дарёҳои кишвари Ўзбекистон мебошанд.

## Дарси 68. НОМИ РЎЗНОМАВУ МАҶАЛЛАҲО

**Машқи 152.** Номи рўзномаю маҷаллаҳоро хонед ва дар хотир нигоҳ доред.

| Рўзномаҳо | Маҷаллаҳо |
|---|---|
| Овози тоҷик | Чашма |
| Овози Самарқанд | Машъал |
| Бухорои Шариф | Истиқбол |
| Ховар | Фирўза |
| Булбулча доно | |

**Машқи 153.** Номи рўзнома ва маҷаллаҳои ба шумо шиносро нависед.

**Машқи 154.** Аз бародару хоҳарони калонсол, падару модар номи рўзнома ва маҷаллаҳои мехондагиашонро пурсида, ба дафтар нависед.

# Дарси 69. НОМИ ХОСИ ҲАЙВОНҲО

**Машқи 155.** Хонед ва номи хоси сагҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Зирак
Ҳушёр
Малла
Алопар
Калта



Бобик
Барбос
Бӯгир
Каштан
Хайбар

**Машқи 156.** Порчаҳои шеърӣро хонед ва аз таркиби он калимаи ифодакунандаи номи ҳайвонҳоро муайян кунед.

Тозӣ — саги бовафо
Шодӣ мекард мисли мо.

*Озод Аминзода*

Тездав аст харам,
Нест зӯр аз Хайбарам.

*Муҳаммад Ғоиб*

**Машқи 157.** Номи хоси аспҳоро хонед ва ба дафтар нависед.

Рахш
Гулгун
Чокар
Тӯриқ
Ҷайрон



Шабдиз
Саманд
Кӯкдунан
Бойчибор
Ғиркӯк

## Тест

1. Дар кадом банд номи хоси ҳайвонҳо навишта шудааст?

а) гов, гӯсфанд, буз, асп
б) Ҳушёр, Рахш, Зардак, Мехчапарак
в) ҳайвонҳо номи хос надоранд

2. Номи хоси аспҳоро муайян кунед.

а) Рахш, Шабдиз, Гулгун, Саманд
б) Токчапарак, Болошинак, Таҳшинак
в) Мошон, Тозӣ, Вафо

**Машқи 158.** Номи хоси ҳайвонҳои дӯстдоштаатонро нависед.

## Дарси 70. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 159—161

**Машқи 159.** Матнро хонед ва номи чӯҷаҳои мурғро муайян кунед.

Як духтараки ҳушёр буд, номаки ӯ Гулнор буд. Ду рухсор гулобӣ, чашми шаҳлош нилобӣ, абрӯвонаш думи мор, кокулчаҳояш қатор. Вай як мурғ дошт. Мурғи зарди пӯпидор, чор чӯҷаи беқарор: яке Зардак, дигар Сафедак, сеюм Алояк, чорум Тиллояк.

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**Машқи 160.** Шеърро бурро ва равон хонед. Фикратонро аз рӯйи мазмуни он баён кунед.

Зеби дастархони мо,
Ҳурмати меҳмони мо.
Обрӯю ҳам эътибор,
Қуввату дармони мо.

Резаҳоятро чида,
Ман мемолам ба дида.
Дил ҷӯш занад беқарор,
Нони гармро чашида.

Ҳаловати ҷон аст нон,
Қуввати дармон аст нон.
Зеби дастархон аст нон,
Меҳнати деҳқон аст нон.

*Нӯъмон Розиқ*

**Машқи 161.** Хонед ва хушхат нависед.

Гурба даҳон боз кард,
Мурғакам парвоз кард.

# Дарси 71. ТАКРОРИ НОМИ ПРЕДМЕТҲО

## Тест

1. Кадоме аз саволҳо ба калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳо гузошта мешавад?

а) чӣ хел? чӣ гуна? кадом?

б) чӣ? чиҳо? кӣ? киҳо?

в) чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?

2. Ба калимаҳои ифодакунандаи предметҳои ҷондор: паррандаю ҳайвонҳо чӣ гуна савол гузошта мешавад?

а) чӣ? б) кӣ? в) чӣ хел?

3. Саволи **кӣ?** нисбат ба чӣ гуна номҳо гузошта мешавад?

а) нисбат ба номи одамон

б) нисбат ба номи деҳаҳо

в) нисбат ба номи кӯҳҳо

4. Рӯзномаи республикавии бо забони тоҷикӣ нашршавандаро муайян кунед.

а) Овози тоҷик б) Бухорои Шариф

в) Овози Самарқанд

5. Дар кадом банд номи рӯзномаи тоҷикӣ барои бачагони хурдсол навишта шудааст?

а) «Булбулча доно», б) «Билимдон», «Ғунча»

в) «Гулхан», «Фирӯза»

6. Аму, Сир, Ғузор, Исфара, Сух, Сангзор, Норин, Зарафшон, Оҳангарон, Сурхон, Зоминсув, Ғовасой номҳои чиро ифода мекунанд?

а) номи кӯҳро в) номи дарёро
б) номи шаҳрро

7. Рахш, Шабдиз, Саманд, Гулгун, Ҷайрон, Кӯкдунан, Тӯриқ, Чокар, Бойчибор номи хоси кадом ҳайвонҳоро ифода мекунанд?

а) номи хоси аспҳоро
б) номи хоси сагҳоро
в) номи хоси бузу бузғолаҳоро

## Дарси 72. НАВИШТАНИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ НОМИ ПРЕДМЕТҲО

# ҲАРАКАТИ ПРЕДМЕТҲО

## Дарси 73. ҲАРАКАТИ ПРЕДМЕТҲО

Калимаҳое, ки ба саволҳои **чӣ кор мекунад? чӣ кор кард? чӣ кор кардааст? чӣ шуд?** ҷавоб мешавад, ҳаракати предметҳоро ифода мекунад. *Мисол*: меравад (чӣ кор мекунад?), хонд (чӣ кор кард?), нишастааст (чӣ кор кардааст?), содир шуд (чӣ шуд?).

**Машқи 162.** Бо назардошти ҳаракати предметҳо ба саволҳои дар зер навишташуда ҷавоб гӯед.





Асп чӣ кор кард? Самолёт чӣ кор мекунад?

**Машқи 163.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Фирӯза ҳавлӣ ... .
2. Модараш ош ... .
3. Икром об ... .
4. Падараш дасту рӯй ... .
5. Модаркалонаш ... .
6. Бародарам роҳ ... .
7. Барф ... .
8. Бачаҳо яхмолакбозӣ ... .

**Калимаҳо барои истифода:** мешӯяд, мерӯбад, медӯзад, мепазад, мекашонад, мекунанд, меравад, борид.

# Дарси 74. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 164—166

**Машқи 164.** Ба калимаҳои зерин ҳаракатҳои мувофиқ илова намуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Гов ... .
2. Гург ... .
3. Делфин ... .
4. Хурӯс ... .
5. Тортанак ... .
6. Гул ... .

**Калимаҳо барои истифода:** ҷеғ мезанад, баъос мекунад, уллос мекашад, тор метанад, шино мекунад, мешукуфад.

**Машқи 165.** Ба амалиёту ҳаракатҳои ҳайкалчаҳои аз гил сохташуда эътибор дода, ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ нависед.

1. Модар (чӣ кор карда истодааст?) ... .
2. Бобо (чӣ кор карда истодааст?) ... .
3. Ҳофиз (чӣ кор карда истодааст?) ... .





**Калимаҳо барои истифода:** нон мепазад, тамошо мекунад, гӯш мекунад, тор менавозад, суруд мехонад.

**Машқи 166.** Даҳто калимае нависед, ки ҳаракати предметро ифода кунад.

## Дарсҳои 75—76. КОРИ ЭҶОДӢ АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориши 1.** Аз рӯйи мазмуни расм фикратонро хаттӣ баён кунед.

**Супориши 2.** Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро бо саволҳо муайян кунед.



# Дарси 77. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 167—171

**Машқи 167.** Дахто калимаи ифодакунандаи ҳаракати предмет нависед ва ба онҳо савол гузоред.

**Машқи 168.** Матнро хонед ва мазмунашро баён кунед.

Як бача буд, як рӯз донаки зардолу ёфту ба модараш нишон дода гуфт:

— Модарҷон, ин донакро шикаста мехӯрам. Модараш маслиҳат дод: нашикану бурда ба замин шинон, парвариш кун, дарахти калон мешавад, мева мекунад, баъд ҳузур карда хӯрда мегардӣ.

Баҳром хуб гуфта, донакро бурда шинонд. Шинонда, об доду гуфт:

— Эй донак, агар то омадани ман насабзӣ, кофта мегираму, шикаста мехӯрам! Чанд вақт гузашту омада дид, ки донак сабзидаасту ниҳол шудааст. Ниҳолро диду пеши модараш омада гуфт:

— Модарҷон, донак ниҳол шудааст, ниҳолро канда, чиллаку лоф карда бозӣ мекунам.

— Накан! — гуфт модар. — Об деҳ, ниҳол дарахт мешавад, дарахт мева мекунад ...

*Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**Машқи 169.** Тезгӯякҳоро такрор кунед.

Шаби шанбе шамол шуд,
Шамолак аз шимол шуд.

* * *

Бобом бодом овард,
Котиб китоб овард.

**Машқи 170.** Шеърро хонед, калимаҳои ба саволи **чӣ кор мекунад?** ҷавобшавандаро ба дафтар рӯбардор кунед.

## Кабк

Кабки дарӣ ҳар саҳар
Аз бари кӯҳ раҳгузар.
Мепарад аз шаршара,
Мехонад аз лаби ҷар.

Нӯлаки сурхаш — зебо,
Болу параш — қаҳрабо.
Ҷонвараки беозор,
Ҷонвараки хушнамо...

*Нӯъмон Розиқ*

**Машқи 171.** Понздаҳто калима нависед, ки ифодакунандаи ҳаракати предмет бошад.

## Дарси 78. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 79. ТАКРОРИ ҲАРАКАТИ ПРЕДМЕТҲО



### Тест

1. Калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ кор мекунад? чӣ кор кард? чӣ кор кардааст? чӣ шуд? ҷавоб мешаванд, чиро ифода мекунанд?

а) номи предметро
б) аломати предметро
в) ҳаракати предметро

2. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳо дар кадом банд навишта шудааст?

а) мехонад, меравад, рафт
б) шӯр, талх, тунд
в) Алопар, Зирак, Малла

3. Кадоме аз калимаҳо ба саволи чӣ кор мекунад? ҷавоб мешавад?

а) омада истодааст, рехта истодааст
б) меояд, мерезад
в) омад, рехт

4. Кадоме аз калимаҳо ба саволи чӣ кор кард? ҷавоб мешавад?

а) харид, гирифт, даравид

б) гирифтанд, нишастанд
в) навиштам, супоридам

5. Саволҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян кунед.

а) чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?
б) кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?
в) чӣ хел? чӣ гуна?

## Дарсҳои 80—81. ХУШХАТ НАВИШТАНИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ҲАРАКАТИ ПРЕДМЕТҲО

**Супориш.** Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро хушхат нависед.

Мехезӣ, шустушӯ мекунӣ, сайр менамоӣ, бозӣ мекунӣ, метозӣ, меғундорӣ, хӯрок мехӯрӣ, ба лаби ҷӯй меравӣ, оббозӣ мекунӣ, хоб меравӣ.

# АЛОМАТИ ПРЕДМЕТҲО

## Дарси 82. АЛОМАТИ ПРЕДМЕТҲО



Предметҳо аломатҳои гуногун доранд: хушрӯ, зебо, сурх, сабз, фарбеҳ, хароб, калон, хурд ва монанди инҳо. Ба калимаҳои ифодакунандаи аломати

предметҳо саволи **чӣ хел? чӣ гуна?** гузошта мешавад.

*Мисол*: сафед (чӣ хел?), рангин (чӣ гуна?).

**Машқи 172.** Саволу ҷавобҳои зеринро хонед. Баъд аз он калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

| Савол | Ҷавоб |
| --- | --- |
| 1. Чӣ хел об? | 1. Оби соф. |
| 2. Чӣ хел гӯсфанд? | 2. Гӯсфанди фарбеҳ. |
| 3. Чӣ хел рӯмолча? | 3. Рӯмолчаи сурх. |
| 4. Ангури кадом боғ? | 4. Ангури боғи нав. |
| 5. Шири кадом гов? | 5. Шири гови ало. |
| 6. Чӣ хел рӯд? | 6. Рӯди калон. |
| 7. Чӣ хел бод? | 7. Боди форам. |
| 8. Чӣ гуна ҳаво? | 8. Ҳавои сербориш. |

**Машқи 173.** Аз рӯйи расм ном ва аломати предметҳоро нависед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.



**Машқи 174.** Шеърро хонед ва ба ҷойи нуқта баъд аз саволҳои **чӣ гуна? чӣ хел?** калимаҳои даркориро гузошта, ба дафтар нависед.

## Шутури қазоқӣ

Шутури қазоқӣ,
Полон ироқӣ,
Хӯрҷин тароқӣ,
Зону ямоқӣ!
Чашмаш ойнача,
Пояш лаълича,
Думаш ҷорубча,
Лабаш тавора,
Шикам нағора.

*Аз «Тазкираи адабиёти бачагон»*

**Полон** — тӯқум, зин. **Ироқӣ** — аз Ироқ.
**Тароқӣ** — гулдор. Ям**оқӣ** — дарбеҳдошта.

шутури (чӣ гуна?) ..., полон (чӣ гуна?) ..., хӯрҷин (чӣ хел?) ..., зону (чӣ хел) ..., чашмаш (чӣ гуна) ...

**Машқи 175.** Чистонро хонед ва ҷавобашро гӯед.

Худаш лӯб-лӯндаву сабз,
Ҷома дорад беқасаб
Дарунаш лоларанг аст,
Дил хоҳадаш рӯзу шаб.





**Машқи 176.** Дувоздаҳто калимаи ифодакунандаи аломати предметҳоро нависед.

# Дарси 83. РАНГИ ПРЕДМЕТҲО

Предметҳо рангҳои сурх, сафед, сабз, зард, сиёҳ, нилгун, булӯрин, сурхчатоб ва ғайраро доранд. *Мисол*: қалами сурх, гули сафед.

**Машқи 177.** Аз рӯйи расм ном ва ранги гулҳоро нависед.



**Машқи 178.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ интихоб карда, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Дар фасли тирамоҳ баргҳои дарахтон ... мешавад. 2. Дар байрақи Ўзбекистон рангҳои ... ҷо доранд. 3. Кӯча аз барфи ... пур гашт. 4. Бачаҳо дар атрофи арчаи ... ороста шодона мерақсанд. 5. Вақти дарав фаро расидааст, ки ранги гандум ... шудааст. 6. Оби ... покизаи хуштаъм ба ҳар хона ҷорӣ мешуд.

**Калимаҳо барои истифода:** зард, сурх, сафед, сабз, идона, зард соф.

**Машқи 179.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи аломати предметро бо гузоштани савол ба дафтар рӯбардор кунед.

## Баҳор

Баҳори хуррам омад. Акнун ҳаво гарм ва софу беғубор мешавад. Замин бо сабзаи тару тоза пӯшида мегардад. Бӯйи хуши баҳор ба кас ҳаловат мебахшад.

**Машқи 180.** Шеърро хонед ва гӯед, ки себ чӣ хел ранг, маза, намуд, бӯй дорад.

## Себак

Себаки сурхи сероб,
Ширин асту хӯрданбоб.
Себак хеле хушрӯй аст,
Хушмазаву хушбӯй аст.

**Машқи 181.** Чистонро хонед, ҷавобашро ёбед.

Зоғчаи сиёҳаки мо,
Хонанигаҳдораки мо.



**Машқи 182.** Ном ва ранги предметҳои дар синфатон мавҷудбударо ба хотир оварда, ба дафтар нависед.

# Дарси 84. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 182—184

**Машқи 183.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед. Калимаи ифодакунандаи рангро номбар кунед. Бодиринг боз чӣ гуна ранг дорад?

Замин заранг аст,
Пистоқиранг аст,
Ҳар кас наёбад,
Марди гаранг аст.



**Машқи 184.** Шеърро хонед, рангҳои чароғаки раҳнаморо номбар карда, ба дафтар нависед.

**Чароғаки раҳнамо**



Шаҳри калон — шаҳри мо,
Пури мошин кӯчаҳо.
Чӣ хел карда гузарем,
Аз чорраҳа, бачаҳо?

Роҳ нишон диҳад ба мо,
Чароғаки раҳнамо:
Сурхаш мегӯяд: исто,
Бигузарад мошинҳо!



Зардаш мегӯяд: дарров
Ба гузаштан тайёр шав.
Сабзаш даргирад агар,
Марҳамат, акнун гузар!

*Наримон Бақозода*

**Машқи 185.** Ном ва ранги либосҳои шарикдарсатонро нависед.



## Тест

Рангҳои чароғаки раҳнамо дар кадом банд дуруст навишта шудааст?

а) сиёҳ, сафед, нилгун
б) сурх, зард, сабз
в) кабуд, булӯрин



**Машқи 186.** Ном ва ранги предметҳои дар хонаи худ бударо нависед.

## Дарси 85. ТАЪМ ВА МАЗАИ ПРЕДМЕТҲО

**Машқи 187.** Бо калимаҳои дар ҷадвал навишташуда шинос шавед ва ба ҷойи нуқтаҳо таъм ва мазаи меваҳоро нависед.

| Савол | Номи меваҳо | Савол | Таъм ва мазаи меваҳо |
|---|---|---|---|
| | анор<br>себ<br>гелос<br>нок<br>шафтолу | чӣ хел? | ширин, турш, нордон |

**Машқи 188.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи таъм ва мазаро муайян кунед.

### Гӯшти худрӯ

Аз занбӯруғ шӯрбо, кабоб мепазанд, ки хеле хуштаъму гуворост. Занбӯруғро олимон шӯхиомез «гӯшти худрӯ» номидаанд. Зеро дар таркиби он сафедаю равған, қанду намак ва витамин фаровон аст. Аз ин сабаб занбӯруғро дар як қатор мамлакатҳои Аврупо дар гармхонаҳо низ парвариш мекунанд.

*Аз маҷаллаи «Чашма»*

**Намуна:** шӯрбои (чӣ хел?), шӯрбои шӯр, шӯрбои бенамак, шӯрбои равғанин, шӯрбои беравған, шӯрбои камнамак.

**Машқи 189.** Номи таомҳои дӯстдоштаатонро нависед.

## Дарси 86. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 190—192

**Машқи 190.** Дар байни дастаҳо ва шарикдарсон бозии **«Чархаки пурэъҷоз»**-ро ташкил кунед ва гузаронед.

Тартиб ва қоидаи бозии «Чархаки пурэъҷоз». Аз се даста («Парасту», «Кабӯтар», «Ҳумо») як нафарӣ ба назди

«Чархаки пурэъҷоз» меоянд ва бо навбат чархро мегардонанд. Ақрабаки чарх дар болои кадом мева истад, таъм, маза, ранг ва шакли ҳамон меваро, дар болои дигар предмет истад, аломати онҳоро мегӯяд. Сарвари бозӣ дониши хонандаи ҷавобдодаро аз рӯйи ҷавоби варақчаи дар даруни лифофа андохташуда месанҷад. Агар хонандаи дар бозӣ иштирок карда таъм, маза, ранг ва шакли меваҳо, инчунин аломати предметро гуфта натавонад, он гаҳ ба ҷойи он хонандагони дастаи дигар ҷавоб медиҳанд. Аз рӯйи ҷавоб хол ба ҳисоби онҳо мегузарад.

**Машқи 191.** Пандҳоро хонед ва мазмунашро фаҳмонед.

Салом — аз хурд, калом — аз калон.

* * *

Аз корҳои написандида дур бошед.

**Машқи 192.** Ранги қаламҳои кор мефармудагиатонро нависед. Баъд аз он бо истифодаи онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Дарси 87. БАЁНИ ЭҶОДӢ АЗ РӮЙИ РАСМ

**Супориши 1.** Расмро аз назар гузаронед ва ба он сарлавҳа интихоб кунед.

**Супориши 2.** Аз рӯйи расм баёни эҷодӣ нависед.



## Дарси 88. ШАКЛ ВА ҲАҶМИ ПРЕДМЕТҲО

**Машқи 193.** Аз рӯйи расм номи сабзавотҳоро гуфта шакл, ранг ва таъмашонро дар катакчаҳои холӣ нависед.

| Номи сабзавот | Шакли сабзавот | Ранги сабзавот | Таъми сабзавот |
|---|---|---|---|
|    | | | |

**Машқи 194.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои ифодакунандаи шаклу ҳаҷмро дарёфт намуда, ба дафтар нависед.

1. Синфи мо васеъ, тоза ва равшан аст. 2. Бинокорон дар деҳаамон бинои баландеро бунёд кардаанд. 3. Майдончаи гулзорамон хурд аст. 4. Фархундаи хурдакак роҳ мегардад. 5. Падарам барои ман лӯхтаки хушрӯяк харид.

**Машқи 195.** Бо калимаҳои зерини ифодакунандаи шакл ва ҳаҷми предмет ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Хурд, калон, майда, лӯнда, дароз, васеъ, фарох.

## Дарси 89. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 196—199

**Машқи 196.** Порчаи шеъриро хонед ва баъд аз он калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро номбар кунед.

### Фаслҳои сол

Баҳори нозанин омад,
Накӯрӯ, хушҷабин омад.
Ҷаҳоне шуд нигористон,
Сафое бар замин омад.

*Паймон*

**Машқи 197.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро ба дафтар нависед.

Аспе дошт саманди қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум, ки ба вай Рахши пасин ном ниҳода буд, яъне Рахши пешин аспи Рустами достон аст ва ин пас аз вай. Ҷавон ҳар гоҳ, ки бар Рахши пасин менишаст, худро шаҳсавори ҷаҳон ҳис мекард. Бо он асп ба шикор мерафт, чавгонбозӣ мекард, дар маъракаҳо савора гӯштӣ мегирифт. Дар ду бозии охир аксаран ғолиб мебаромад.

*Аз қиссаи «Ривояти суғдӣ»-и Сотим Улуғзода*

**Машқи 198.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Аз одам баланд,
Аз мурғ паст аст.



**Машқи 199.** Пандҳоро хонед ва аз ёд кунед. Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Эй писари арҷманд,
Ба касбу кор дил бубанд.

* * *

Бо касе шав қадрдон,
Қадри туро донад он.

## Дарси 90. ТАКРОРИ АЛОМАТИ ПРЕДМЕТҲО

1. Предметҳо чӣ гуна аломатҳо доранд?
2. Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
3. Таъми хӯрок чӣ гуна мешавад?
4. Муаллим хатоҳои имлоиро дар ҳошияи дафтар бо кадом ранг ислоҳ мекунад?

## Дарсҳои 91—92. НАВИШТАНИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ АЛОМАТИ ПРЕДМЕТҲО

**Супориши 1.** Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро интихоб намуда, ба дафтар хушхат нависед.

**Супориши 2.** Ҳарфҳои нодуруст навиштаатонро дуруст карда нависед.

Калон, суп-сурх, васеъ, мӯдароз, ҷингиламӯ, дурахшон, азимҷусса, ҳукмфармо, хушоҳанг.

# АДАДИ ПРЕДМЕТҲО

## Дарси 93. АДАДИ ПРЕДМЕТҲО

Як, ду, се, чор, панҷ, шаш, нӯҳ, даҳ ва ғайра адади предметҳоро ифода мекунанд.

*Мисол*: якто қалам, дахто дафтар, қатори якум, ҷойи сеюм.

**Машқи 200.** Калимаҳои ифодакунандаи адади предметҳоро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Нилгун, гулобӣ, бист, сӣ, хондан, баҳор, фасл, март, апрел, май, як моҳ 30—31 рӯз, як соат 60 дақиқа, соати дувоздаҳ.

**Машқи 201.** Ададҳои дар зер навиштаро ба воситаи ҳарфҳо нависед.

12, 18, 29, 34, 47, 51, 77, 88, 99, 105, 2014.

*Намуна*: ҳаштоду ҳашт.

**Машқи 202.** Ҷавоби чистонро ёбед.

Аз дур омад ҳаш-ҳаш,
Найзаҳояш шасту шаш.



1. Кадом калимаҳо адади предметро ифода мекунанд?
2. Ададҳо даҳӣ, садӣ ва боз чӣ гуна мешаванд?

**Машқи 203.** Ададҳои аз 20 то 30-ро ба хотир оварда, аз рӯйи тартиб бо ҳарф нависед.

# Дарси 94. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 204—206

**Машқи 204.** Ба катакчаҳои холӣ рӯзҳои ҳафтаро нависед ва ба саволҳои поён ҷавоб гӯед.

**Рӯзҳои ҳафта**




1. Дар таркиби номи рӯзҳои ҳафта кадом ададҳо будааст?
2. Рӯзи нахусти ҳафта кадом рӯз аст?

**Машқи 205.** Ададҳои аз 45 то 60-ро бо ҳарфҳо нависед.

**Машқи 206.** Ҷавоби чистонро ёбед.

Чор по дорад менозад,
Ду даст боло метозад.

(.........)

## Дарси 95. САВОЛҲОИ АДАДИ ПРЕДМЕТҲО

Калимаҳои ифодакунандаи адади предметҳо ба саволҳои **чанд? чандто? чандум?** ҷавоб мешаванд.

**Машқи 207.** Ба воситаиададҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.




**Калимаҳо барои истифода:** сол, аст, фасл, ҳафта, моҳ, шабонарӯз, дақиқа, соат.

*Намуна:* 1 сол 12 моҳ аст.

**Машқи 208.** Матнро хонед ва ба дафтаратон рӯбардор кунед. Калимаҳои ифодакунандаи адади предметро муайян карда, ба зери он хат кашед.

Онҳо бо ҳам дар ватани Амон — дар деҳаи Шоён гӯштин гирифтаанд. Амон даҳпонздаҳ сол боз дар маъракаҳои гӯштингирӣ

иштирок карда, ҳоло аз ҳеҷ кас мағлуб нашуда будааст. Падарам ба синну сол аз вай ҳашт ё даҳ сол хурд будааст.

*Аз повести «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода*

**Машқи 209.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Коштам-коштам як палак,
Андохт дувоздаҳ ҳандалак.

## Дарсҳои 96—97.
## ИҶРОИ МАШҚҲОИ 210—214

**Машқи 210.** Бозии «Рақам ва ҳиҷо». Бо рақами 1 ҳиҷои «о», бо 2 — «мад», бо 3 — «дар», бо 4 — «на», бо 5 — «бар»-ро ифода кунед.

$1 + 2 = \dots$ $\quad$ $3 + 1 + 2 = \dots$
$5 + 1 = \dots$ $\quad$ $4 + 1 + 2 = \dots$
$4 + 1 = \dots$ $\quad$ $4 + 5 + 1 = \dots$

**Машқи 211.** Бозии «Алифбо дар рақамҳо». Бо ёрии рақамҳои ифодакунандаи ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ номи фаслҳои солро нависед.

$10 + 11 + 17 + 11 + 22 + 23 + 19 + 18 =$
$2 + 1 + 28 + 19 + 21 \;=$

23 + 19 + 2 + 11 + 22 + 23 + 19 + 18 =

23 + 11 + 21 + 1 + 17 + 19 + 28 =

**Машқи 212.** Ададҳои садиро ба хотир оварда онҳоро ба воситаи ҳарфҳо ба дафтар нависед.

**Машқи 213.** Шеърро хонед, сухан дар васфи кӣ гуфта шудааст, гӯед.

## Модар

Модари ман, ҷони ман,
Қуввату дармони ман,
Боиси даврони ман,
Мӯнису ғамхори ман,
Меҳри шарарбори ман.

Рӯйи ту мисли анор,
Ҳусни базеби баҳор.
Дорӣ дили беқарор,
Модари ғамхори ман,
Меҳри шарарбори ман.

*Нӯъмон Розиқ*

**Машқи 214.** Зарбулмасалу мақолҳоро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро ба дафтар нависед.

Ҳунар дорӣ, хазинаи зар дорӣ.

* * *

Дониш хоҳӣ, ҷӯянда бош.

# Дарси 98. ТАКРОРИ АДАДИ ПРЕДМЕТҲО

## Тест

1. Калимаҳои ифодакунандаи адади предметҳо дар кадом банд навишта шудааст?

а) панҷоҳ, сад, дусад
б) сабз, зард, хокистарранг
в) барг, дона, кор

2. Чӣ гуна калимаҳо ба саволҳои чанд? чандто? чандум? ҷавоб мешавад?

а) ифодакунандаи адади предметҳо
б) ифодакунандаи аломати предметҳо
в) ифодакунандаи ҳаракати предметҳо

3. Калимаҳои ба саволи чандто? ҷавобшавандаро муайян кунед.

а) бист, сӣ, чиҳил, панҷоҳ
б) даҳто, шастто, ҳафтодто, ҳазорто
в) дуюм, сеюм, ёздаҳум

4. Саволҳои адади предметҳо дар кадом банд навишта шудааст?

а) кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?
б) чӣ қадар? чандто?
в) чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ шуд?

5. Ғайр аз рақам адади предметҳоро боз бо чӣ менависем?

а) бо ҳарф б) бо овоз в) бо адад

## Дарсҳои 99—100. НАВИШТАНИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ АДАДИ ПРЕДМЕТҲО

**Супориш.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои ифодакунандаи адади предметҳоро интихоб карда, ба дафтар хушхат нависед.

Як сол чор фасл дорад. Дар як сол дувоздаҳ моҳ ҳаст. Як моҳ сӣ ё сию як рӯз дорад. Моҳи феврал бисту ҳашт ё бисту нӯҳ рӯз мешавад. Дар як ҳафта ҳафт рӯз ҳаст. Як шабонарӯз бисту чор соат аст. Як соат аз шаст дақиқа иборат мебошад.

# ҶОНИШИН

## Дарси 101. ҶОНИШИН



Калимаҳои **ман, ту, ӯ, вай, мо, шумо, онҳо** ҷонишин мебошанд. Ин ҷонишинҳо шахсҳоро ифода мекунанд. Мисол: 1. **Ман** ба корҳои модарам ёрӣ мерасонам. 2. **Вай** хонандаи дигар аст.

**Машқи 215.** Аз силсилаи мисолҳо ҷонишинҳоро ёфта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Сездаҳ, адад, шин, борид, талх, тунд, гелос, ман, пудина, райҳон, шумо, лола, вай, корид, мо, рафт, онҳо

**Машқи 216.** Аз таркиби ҷумлаҳо ҷонишинҳоро муайян кунед.

1. Мо ба кори ҳамдигар ёрӣ мерасонем. 2. Шумо ба куҷо рафта истодаед? 3. Ту донишомӯзи аълохон ва баодоб ҳастӣ. 4. Ман аз мағоза китоби нав харидам.

## Дарси 102.
## ИҶРОИ МАШҚҲОИ 217—219

**Машқи 217.** Аз рӯйи расм ва мазмуни он матн тартиб диҳед. Ҷонишинҳои кор фармудаатонро муайян кунед.



**Машқи 218.** Матнро хонед, сухан дар бораи кадом ҷонишинҳо рафтааст, гӯед.

### Ҷонишинҳои ту ва шумо

Аз рӯйи одоб тоҷикон дар вақти ба калонсолон, волидайн, бародару хоҳари калон, меҳмон, шахсони ношинос, роҳбар, муаллим муроҷиат намудан ҳатман шумо мегӯянд. Агар ба шахсе, ки ҳамеша бо ӯ шумо гуфта муроҷиат намудаанд, якбора бо калимаи ту рӯй оранд, табъи вай хира мешавад. Ин гуна рафторро чун таҳқир қабул мекунад. Ҳол он ки муроҷиаткунанда мумкин аст аз рӯйи одат, нафаҳмида, ба таври ғайриихтиёр ту гуфта бошад. Дар ин ҳолатҳо хафа шудан лозим нест. Чунки дар баъзе лаҳҷаҳои мо ту гуфта муроҷиат намудан низ маъмул гардидааст.

*Аз китоби «Бунёди маданияти сухан»-и*
*Яъқуб Одинаев*

**Машқи 219.** Пандро хонед ва ба дафтар хушхат нависед.

Омода бош ба ҳар кор,
Чун мӯраки борбардор.

## Дарси 103. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ СЕЮМ

## Дарси 104. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 219—220

**Машқи 220.** Ҷонишинҳои **мо, шумо, онҳо**-ро дар аввал кор фармуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 221.** Хонед, ҷонишинҳоро муайян кунед.

### Варзиш — гарави саломатӣ

Агар шахс бо варзиш мунтазам машғул шавад, ӯ ҷисмонан боқуввату солим мешавад. Гӯштингирӣ, шиноварӣ, футболбозӣ, чавгонбозӣ, шоҳмот, хоккей барин машғулотҳои варзишӣ ҳастанд, ки мо бо яке аз онҳо бояд банд бошем. Машқу ҳаракат касро тандуруст гардонида, аз ҳар гуна беморӣ ва хастагӣ нигаҳ медорад. Аз хурдӣ бо варзиш машғул шавед.

## Дарси 105. КОРИ ЭҶОДӢ АЗ РӮЙИ РАСМ



Бизан табли зафар дар иди Наврӯз.
Таваллуд шуд зи модар олам имрӯз.

*Асад Гулзода*

**Супориш.** Аз рӯйи расм саволу ҷавоб ташкил кунед ва матн тартиб диҳед.

## ЁРИДИҲАНДАҲО



**Ба, аз, дар, бо, то, барои** калимаҳои ёридиҳанда буда, пешоянд ном доранд. Онҳо пеш аз калимаҳо омада, мазмуни нутқро пурқувват мегардонанд. Бо калимаи пас аз худ омада якҷоя навишта намешаванд.

## Дарси 106. ПЕШОЯНДИ БА

**Машқи 222.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди **ба** гузошта, ҷумлаҳоро хонед.

1. Ӯ … ман китоб тӯҳфа кард. 2. Ман … корҳои модарам ёрӣ мерасонам. 3. Муаллим … мо вазифа дод. 4. Низом … ҷояш нишаст. 5. Ман баъд аз дарс … хона меравам. 6. Ман … бародарам мактуб навиштам.

**Машқи 223.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Ман дар вақти таътил … шаҳри Тошканд рафта будам. 2. Анвар … кабӯтари

худ дон ва об дод. 3. Чаро ... болои дарахт баромадаӣ? 4. Бо хонандагони мактабамон ... тамошои шаҳр меравем.

**Машқи 224.** Бо иштироки пешоянди **ба** ва дигар калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна*: Ман дар вақти таътил ба тамошои шаҳри Тошканд меравам.

## Дарси 107. ПЕШОЯНДИ АЗ

**Машқи 225.** Ҷумлаҳои зерро ба дафтар нависед ва ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди мувофиқ гузоред.

1. Ман ... ток ангур кандам.
2. ... рӯйи гуфтаҳои падару модар амал кунед.

**Машқи 226.** Бо гузоштани пешоянди **аз** калимаҳои поёниро иваз карда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Нон, орд, мепазанд.
2. Қанд, харидам, дӯкон.
3. Намад, мебофанд, пашм.

*Намуна*: Аз орд нон мепазанд.

**Машқи 227.** Панҷто ҷумла нависед, ки дар таркиби он пешоянди **аз** низ ҷо дошта бошад.

**Машқи 228.** Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед.

1. Мӯза аз чӣ дӯхта мешавад? 2. Парта аз чӣ сохта мешавад? 3. Ресмон аз чӣ ресида мешавад? 4. Кӯза ва пиёла аз чӣ сохта мешавад? 5. Карбос аз чӣ бофта мешавад? 6. Ҷурғот аз чӣ тайёр карда мешавад?

**Калимаҳо барои истифода:** пахта, чарм, тахта, гил, шир, ришта.

## Дарси 108. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

## Дарси 109. ПЕШОЯНДИ ДАР

**Машқи 229.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди **дар** гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра хонед.

1. Ман ... шаҳри Бухоро зиндагӣ мекунам.
2. Ман ... синфи дуюм мехонам.
3. Боғбон ... боғ бо кор машғул аст.
4. Нигина ... ҷойи аввал нишастааст.

**Машқи 230.** Аз калимаҳои пароканда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Рӯймолча, киса, аст.
2. Ош, дег, аст.

3. Курта, сандуқ, аст.
4. Бор, мошин, аст.

**Намуна:** Рӯймолча дар киса аст.

**Машқи 231.** Ба ҷойи нуқта пешоянди **дар** ва калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

1. Нонро ... нигоҳ медоранд.
2. Либосро ... нигоҳ медоранд.
3. Қаламро ... нигоҳ медоранд.
4. Обро .... нигоҳ медоранд.

**Калимаҳо барои истифода:** қаламдон, шкаф, нондон, сатил.

## Дарси 110. ПЕШОЯНДИ БО

**Машқи 232.** Хонед ва ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. Нӯшервон (бо кӣ?) ба гелосчинӣ меравад. 2. Заминро (бо чӣ?) нарм мекунанд. 3. Ардашер (бо кӣ?) ба шаҳр рафт. 4. Гандумро (бо чӣ?) медараванд.

**Машқи 233.** Пешоянди **бо**-ро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Шӯрбо, қошуқ, меҳӯранд.
2. Ҳезум, кафондам, табар.

3. Хат, навиштам, қалам.

*Намуна*: Бо қалам хат навиштам.

**Машқи 234.** Ҳикояи зеринро хонед ва ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди **бо**-ро гузошта ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

### Шикори калхот

Мурғи мо ... чӯҷаҳояш мегашт. Дар осмон як калхот пайдо шуд. Вай ... чашмони тезаш чӯҷаҳоро дид. Калхот хост, ки ... чанголҳояш чӯҷаеро гирад. Мурғ ... овози баланд қут-қут задан гирифт. Ман ... санг калхотро зада ҳай кардам.

## Дарси 111. ПЕШОЯНДИ ТО

**Машқи 235.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди **то**-ро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра нависед.

1. Ман ... нисфирӯзӣ мехонам. 2. Шеърро ... дарси оянда аз ёд кунед. 3. Аз хонаи мо ... истгоҳ панҷоҳ қадам масофа аст.

**Машқи 236.** Се ҷумла нависед, ки дар таркиб пешоянди **то** дошта бошад.

# Дарси 112. ТАКРОРИ КАЛИМАҲОИ ЁРИДИҲАНДА

## Тест

1. **Ба, аз, дар, бо, то, барои** чӣ гуна калимаҳо ба шумор меравokанд?

а) ифодакунандаи номи предметҳо
б) ифодакунандаи аломати предметҳо
в) калимаҳои ёридиҳанда

2. Ёридиҳандаҳои **ба, аз, дар, бо, то, барои** бо калимаи пас аз худ омада чӣ тавр навишта мешаванд?

а) якҷоя навишта мешаванд
б) ҷудо навишта мешаванд
в) дар таркиби калима навишта мешаванд

3. Кадоме аз калимаҳои поёнӣ саволҳои худро надоранд?

а) ёридиҳанда
б) калимаҳои ифодакунандаи ном, аломат, ҳаракат ва адади предметҳо
в) ҷонишинҳо

4. Дар ҷумлаи «Ман ... ҳамаи саволҳои муаллим пурра ҷавоб додам» ба ҷойи нуқта кадом калимаи ёридиҳанда гузошта мешавад?

а) бо  б) аз  в) ба

## Дарси 113. НАВИШТАНИ КАЛИМАҲОИ ЁРИДИҲАНДА

**Супориш.** Ёридиҳандаҳои **ба, аз, дар, бо, барои, то**-ро ба дафтар хушхат нависед.

# ИБОРА

## Дарсҳои 114—115. ИБОРА



Ибора аз ду ва аз он зиёда калимаҳо таркиб меёбад. Ҳарфи **и** калимаҳои таркиби ибораро ба ҳамдигар пайваст мекунад. *Мисол*. Бинои мактаб, дарси забон, бачаи баодоб.

**Машқи 237.** Хонед, калима ва ибораҳоро ҷудо карда нависед.

Дониш, харбузаи ширин, хониш, илм, саги вафодор, китоб, кишти баҳорӣ, луғат, майдони гандумзор, ҳаво, гӯсолачаи алояк, осмон, офтоб, оби чашма, моҳ, рӯзи таваллуд, ситора, дунё, соли нав, мардум,.

**Машқи 238.** Бо иваз кардани ҷойи калимаҳо ва истифодаи ҳарфи **и** ибораҳо созед.

Доно бача, сурх қалам, калон синф, донакаш мӯр, деҳқон мард, зебо шаҳр, тилло соат, аъло баҳо, сеошёна бино.

*Намуна*: мӯри донакаш.

## Дарсҳои 116—117.
## ИҶРОИ МАШҚҲОИ 239—242

**Машқи 239.** Калима ва аз онҳо ибораҳои тартиб додашударо хонед. Баъд аз он ба ҷойи нуқта мисли намуна ибораҳо нависед.

| **Калима** | **Ибора** |
|---|---|
| Хуб | Кори хуб, ... |
| нағз | одами нағз, ... |
| ситора | ситораи дурахшон, ... |
| далер | бачаи далер, ... |
| ҷасур | шахси ҷасур, ... |

**Машқи 240.** Амал ва ҳаракати ҳайвонҳоро бо ҷумлаҳои менавиштаатон ёдрас кунед.





**Машқи 241.** Матнро хонед, калима ва ибораҳои таркиби ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ нависед.

### Фасли тобистон

Фасли тобистон аз дигар фаслҳои сол фарқ мекунад. Зеро дар ин фасл ҳамаи меваҳо, сабзавотҳо мепазанд. Деҳқонон

гандум, ҷав ва ҷуворимаккаҳои киштаашонро медараванд. Боз аз нав ба ҷойи онҳо тухмиҳои дигарро мепошанд. Мо дар фасли тобистон ба таътили семоҳа меравем. Дар вақти таътил ба корҳои падару модар ва деҳқонон ёрӣ мерасонем.

**Машқи 242.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ибора созед.

Боми ..., хонаи ..., мурғи ..., себи ..., қатори ..., дарахти ...

# ҶУМЛА

## Дарси 118. ҶУМЛА

Фикри тамомшударо ҷумла меноманд.

*Мисол.* 1. Боди форам мевазад.
2. Одамон ба сӯйи саҳро меравaнд.

**Машқи 243.** Калимаҳои зеринро ба дафтар хушхат нависед. Аз онҳо сетоашро интихоб карда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Ҳуснӣ, бозӣ, холӣ, сабзӣ, камбудӣ, олӣ, ёрӣ, ғанӣ, биҳӣ, сиёҳӣ, ҳавлӣ.

**Машқи 244.** Ҷумлаҳои аз се калима таркибёфтаро муайян карда, ба дафтар нависед.

Ман ҳикоя хондам. Ҳикоя бисёр аҷиб буд. Бародарам гӯш мекард. Ман хондани ҳикояро дӯст медоштам. Хоҳарам шеър мехонад. Вай шеърхониро дӯст медорад. Мо китобро дӯст медорем. Китоб дониш медиҳад.

**Машқи 245.** Матнро хонед ва аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед.

### Кабки доначӯ

Дар атроф кабкҳо аз санг ба санг ҷаҳида дона ҷустуҷӯ мекарданд. Баъд аз ёфтани дона бо овози форам ба ҳамдигар гап мезаданд. Шодикунон парвоз карда донаи дигареро мекофтанд. Чӯҷакабкҳо аз нӯлаки модарашон донаро мегирифтанд. Кабку чӯҷакабкҳо чашмонашонро ба ҳар буттаю санг ягон-ягон медӯхтанд.

*Аз маҷаллаи «Чашма»*

1. Фикри тамомшуда чӣ ном дорад?
2. Ҷумла аз чиҳо таркиб меёбад?
3. Матни «Кабки доначӯ» аз чанд ҷумла таркиб ёфта будааст?

### Тест

1. Ҷумла чӣ гуна маъноро ифода мекунад?

а) маънои томро

б) маънои умумиро
в) маънои ноаниқро

2. Кадоме аз мисолҳои поёнӣ ҷумла аст?

а) баҳор, гул, фасл, шукуфт, рангин
б) фасли баҳор, шукуфт, гулҳои рангин
в) Дар фасли баҳор гулҳои рангин шукуфт

**Машқи 246.** Ду ҷумла навишта, ба ҳар як калимаҳои он саволҳои мувофиқ гузоред.

## Дарси 119. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 247—250

Сарҳарфи калимаи аввалини ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Дар охири ҷумла аломатҳои нуқта (.), савол (?), хитоб (!) гузошта мешавад.

**Машқи 247.** Ҷумлаҳоро хонед ва дар охири онҳо аломатҳои гузошташударо гӯед.

1. Ман заминро побел кардам. 2. Занбӯри асали шумо то куҷо парвоз мекунад? 3. Ҷони модар, писарам, ба мактаб рав! 4. Зери дарахтонро нарм кардам. 5. Пагоҳ бо кӣ вохӯрӣ гузаронидаем?

**Машқи 248.** Дар охир аломатҳои нуқта (.), савол (?), хитоб (!)-ро кор фармуда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 249.** Ба ҷойи нуқтаҳои дохили қавсайн саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Боғбон (...) аз дарахт (...) мева (...) мечинад (...). 2. Шоҳсанам (...) ба рӯйи ҳавлӣ (...) об (...) мепошад (...).

*Намуна*: Бачаҳо (киҳо?) дар саҳни мактаб (дар куҷо?) бозӣ мекунанд (чӣ кор мекунанд?).

1. Ҳарфи аввалини ҷумла чӣ гуна навишта мешавад?
2. Дар охири ҷумла чӣ гуна аломатҳо гузошта мешавад?

## Тест

1. Дар куҷо аломатҳои нуқта, савол ва хитоб гузошта мешавад?

а) калима б) ибора в) ҷумла

2. Дар охири кадоме аз ҷумлаҳои поёнӣ аломати савол гузошта мешавад?

а) Бобои кӯҳансол асозанон роҳ мегашт
б) Ба кори падару модар ёрӣ расонед
в) Хоҳаракамро кӣ озор додааст

**Машқи 250.** Дар мавзӯи **«Баҳори диёри ман»** ҳикояча нависед. Аломати кор фармудаатонро гӯед.

## Дарсҳои 120—121. МАШҚИ ХАТ. НАВИШТАНИ ҶУМЛАҲО

**Супориш.** Ҷумлаҳоро бо хати зебо нависед.

Офтоб аз ақиби кӯҳҳои баланд намудор гардид. Партави вай ба нӯги дарахтҳои баланд расид. Ҳама ҷо равшан шуд. Бачаҳо ба сӯйи мактаб мешитобанд. Онҳо бо шавқу ҳавас суруд мехонанд.

# ОЛАМИ НУТҚ

## Дарсҳои 122—123. ТАЛАФФУЗИ ОВОЗ ВА ҲАРФҲО

**Машқи 251.** Калимаҳоро хонед, ҳарфҳои такрор (шадда)-ро талаффуз кунед.

Таваллуд, муаллим, аввал, латта, Саттор, бутта, ғалла, акка.

**Машқи 252.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳое, ки дар таркиб садоноки **ӯ** доранд, талаффуз кунед.

1. Мо бо бӯр менависем. 2. Кӯзаро пури об кардам. 3. Мо шӯрбо хӯрдем. 4. Мо имрӯз чор соат дарс хондем. 5. Ҷӯра рафиқи ман аст. 6. Дар кӯза об ҳаст. 7. Ман об нӯшидам.

**Машқи 253.** Калимаҳое, ки дар таркиб ҳарфи **й** доранд, муайян кунед.

1. Ман чой нӯшидам. 2. Мо қаймоқ хӯрдем. 3. Дар ҷӯй об ҳаст. 4. Бачагон дасту рӯй шустанд. 5. Ҳайкал дар майдон аст. 6. Маймун ҳайвони аҷиб аст. 7. Он ҷо майсазор буд.

**Машқи 254.** Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳое, ки дар таркиб ҳарфҳои **я**, **ю**, **ё** доранд, талаффуз кунед.

1. Об ях баст. 2. Ях шикаст. 3. Бобоям пагоҳ меоянд. 4. Модарам чою қанд, лӯбиё ва пиёз харид. 5. Зулфия ва Шамсия дар синфи сеюм мехонанд. 6. Ёдгор ба мо ҳар хел ҳикояҳо гуфта дод.

**Машқи 255.** Даҳто калима нависед, ки дар таркиб садоноки **а, о, у** ва **ӯ** дошта бошанд.

## Дарси 124. НАВИШТАН ВА ХОНДАНИ КАЛИМАҲО

**Машқи 256.** Шеърро хонед. Калимаҳои ифодакунандаи касбу корро муайян карда, хушхат нависед.

### Кӣ мешавад?

Мегузарад ронанда,
Гузар дорад бофанда.

Ана, ин хола бошад,
Дар телевизор баранда.
Ин амак — артисти зӯр,
Олами ҳазлу ханда.
Боҳунар будан хуб аст,
Беҳунар будан — ганда ...
Хусрав шишта сари роҳ,
Дорад фикри оянда.

*Муҳаммад Ғоиб*

**Машқи 257.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед ва ба зери номи предметҳои ҷондор хат кашед.

Мусича, анор, хона, гурба, асп, мурғ, китоб, парта, дарахт, замин, ҷома, қурбоққа, мӯрча, соат, пиёла.

**Машқи 258.** Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Сараш дар осмон,
Пояш дар замин (н ......н)

**Машқи 259.** Пандҳоро хонед ва ба дафтар хушхат нависед.

Ба қадри зиндагӣ рас,
Намонад рӯзат ба кас.

* * *

Илму дониш тоҷи сар,
Донишманд подшоҳи даҳр.

# Дарси 125. НАВИШТАН ВА ХОНДАНИ ҶУМЛАҲО

**Машқи 260.** Аз калимаҳои пароканда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

а) телевизор, падарам, дирӯз, хариданд, аз магазин.

б) ба бозии, бо бародарам, рӯзи, ман, шанбе, футбол, рафтам.

в) дар синфи, бо баҳо, мехонад, мо, Муҳаббат, аъло.

**Машқи 261.** Ҳикояро хонда ба ҷумлаҳо ҷудо кунед. Дар охири ҳар як ҷумла аломати китобатии даркориро гузоред ва ҷумларо бо ҳарфи калон нависед.

## Бачаи боодоб

Бачае дар автобус менишаст муйсафеде рост меистод бача ҷойи худро ба мӯйсафед дод мӯйсафед аз ӯ хурсанд шуд мӯйсафед ба бача «раҳмат» гуфт ин бача одобнок будааст.

**Машқи 262.** Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба зери калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо хат кашед.

1. Рӯзи якшанбе аз бозор бо падарам гелос ва зардолуи ширин харид кардем. 2. Гирду атроф бо гулҳои шукуфта зебо

гашт. 3. Писарбачаҳои мактабамон ҳамеша куртаи сафед мепӯшанд. 4. Таъми ширини гелоси сурх аз даҳон нарафта буд.

**Машқи 263.** Ҷумлаҳо нависед, ки дар таркиб калимаҳои ёридиҳандаи **ба**, **бо**, **аз**, **дар**, **то**, **барои** дошта бошанд.

## Дарсҳои 126—127. БАЁНИ ФИКР АЗ РӮЙИ МАЗМУНИ МАТН

**Супориш.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

### Лаббай — ҷавоби муроҷиат

Мо барои диққати ҳамдигарро ҷалб намудан гоҳ аз дур ва баъзан аз наздик бо нидои «эй фалонӣ», «бародар», «амак» ва ғайра муроҷиат мекунем. Аз рӯйи одат тоҷикон, ба каси муроҷиаткунанда — «бале!», «лаббай!» гӯён ҷавоб мегардонанд.

Лаббай калимаи арабӣ буда, маънояш «ба иҷрои амратон тайёрам»-ро дорад. Шакли аслии он «лаббайк» аст. Бо калимаи лаббай ҷавоб гардонидан маънои эҳтиром кардани якдигар ва маданияту одоби шахсро мефаҳмонад...

*Аз китоби «Бунёди маданияти сухан»-и*
*Яъқуб Одинаев*

**Машқи 264.** Матнро хонед, ҷонишинҳоро муайян кунед.

— Медонед, ман имшаб чӣ хоб дидам? Шумо ба ангуштам ангуштарине андохтед. Чунон зебо. Аз таги себи сурхамон як ханҷар ёфтам. Он аз они Рустами достон будааст... Ба шумо ҳамин хел мезебидааст, ки мӯйсафеде як доман тухм дод. Зудтар хобон гуфта. Мо мурғ надоштем. Барои мурғ ба хонаи ҳамсоя мегузаштам, ки бедор кардед...

*Аз ҳикояи «Имтиҳон»-и Чоршанбеи Деҳнавӣ*

**Машқи 265.** Матни зеринро хонед. Ба сутуни якум танҳо номи ашё ва ба дуюм ҳаракати онҳоро нависед.

### Дар боғи ҳайвонот

Бачаҳо ба боғи ҳайвонот рафтанд. Ҳайвонҳо дар қафасҳо зиндагӣ мекарданд. Гург уллос мекашад. Шер наъра мезанад. Паланг meғуррад. Мор мехазад. Гунҷишк чириққос мезанад. Товус нақши парҳои зебои худро намоиш медиҳад.

## Дарси 128. ОДОБИ СУХАН ВА ГУФТУГӮ

**Супориш.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он саволу ҷавоб ташкил кунед.

## Одоби сухан

Сухан форам ва нохуш мешавад. Вобаста бо оҳанг як калима ё ибора ба таври гуногун таъсир хоҳад кард. Баъзан оҳанги сухан гӯшхарош аст, на худи сухан. Масалан, вақти дар автобус рафтан овози дағале дар шакли фармон шунида мешавад: «Ба пеш гузаред!!!» Ҳол он ки оромона хоҳиш кардан мумкин, ки рафиқон, илтимос, каме пештар гузаретон ...

**Супориш.** Шеърро хонед, калимаҳои оҳанг ва маънои навозиш доштаро бо гузоштани савол ба дафтар рӯбардор кунед. Гӯед, ки модар бо кадом калимаҳо фарзандашро навозиш кардааст?

### Навозиши модар

Бачаи дилҷӯйи ман,
Кабкаки хушрӯйи ман.
Тӯтии хушгӯйи ман,
Эй рагу пайванди ман,
Ҷону ҷигарбанди ман.
Боғи умедам туӣ,
Бахти сафедам туӣ ...

## Дарсҳои 129—130.
## ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ВА КОР БО ХАТОҲОИ ИМЛОӢ

# ҲУСНИ ХАТ

## Дарси 131. НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ А, Б, С




## Дарси 132. НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ Д, И, С, Ш




## Дарси 133. НАВИШТАНИ ҲАРФҲОИ Х, Ҳ



## Дарси 134. НАВИШТАНИ МАТН ВА ШЕЪР

**Супориши 1.** Матнро хонед ва онро ба дафтар хушхат нависед.

### Истироҳатгоҳи бачагона

Хонандагони кишварамон ҳар сол дар охири соли хониш ба истироҳатгоҳ мераванд. Онҳо дар истироҳатгоҳ бо шеърхонӣ, шашкабозӣ, шатранҷбозӣ, сурудхонӣ, оббозӣ машғул мешаванд. Хӯрокҳои бомаза, меваҳои ширинро хӯрда бақувват ва калон мешаванд. Истироҳатгоҳ ҷойи дӯстдоштаи бачагон аст.

**Супориши 2.** Шеърро бо овози баланд хонед ва онро ба дафтар хушхат нависед.

Бахту нишоти мо бубин,
Тозаҳаёти мо бубин.
Дар раҳи сулҳ устувор
Азму суботи мо бубин.

*Олимхон Исматӣ*

## Дарси 135. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ЧОРЯКИ ЧОРУМ

## Дарси 136. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СОЛОНА

# Мундарича

## ТАКРОР

Дарси 1. Ватани ободу хушманзари ман......3
Дарси 2. Корбасти овоз дар калимаҳо.........5
Дарси 3. Корбасти ҳарф дар калимаҳо.........6
Дарси 4. Табдили ҳарф ва маъно..................7
Дарси 5. Тақсими ҳиҷо ......................................8
Дарси 6. Баёни фикр аз рӯйи расм................9
Дарси 7. Хушхат навиштани ҷумлаҳо ........................................ 10

## ОВОЗ ВА ҲАРФ

Дарси 8. Овоз ва ҳарф ..................................... 10
Дарси 9. Иҷрои машқҳои 24—28 .................. 12
Дарси 10. Овозҳои нутқ ..................................... 14
Дарси 11. Овозҳои садонок.................................. 15
Дарси 12. Иҷрои машқҳои 36—38 .................. 16
Дарси 13. Хушхат навиштани ҳарфҳои садонок ............................ 17
Дарси 14. Садоноки **А** ........................................ 18
Дарси 15. Садоноки **О**........................................ 19
Дарси 16. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ................................ 20
Дарси 17. Садоноки **У** ........................................ 20
Дарси 18. Садоноки **Ӯ** ........................................ 21
Дарси 19. Садоноки **И** ........................................ 23
Дарси 20. Садоноки **Э**........................................ 24
Дарси 21. Такрори овозҳои садонок ................ 25
Дарси 22. Хашхат навиштани калимаҳо ........................................ 25

Дарси 23. Овоз ва ҳарфҳои ҳамсадо ............... 26
Дарси 24. Ҳамсадоҳои ҷуфт ............................ 27
Дарсҳои 25—26. Тартиб додани матн
аз рӯйи расм ............................................... 29
Дарсҳои 27—28. Навиштани ҳамсадоҳои
ҷуфт ........................................................... 29
Дарси 29. Ҳамсадоҳои такрор
(шадда) ..................................................... 30
Дарси 30. Аз сатр ба сатр гузаронидани
ҳамсадоҳои такрор ....................................... 31
Дарси 31. Навиштани ҳарфҳои
ҳамшакл ..................................................... 32
Дарси 32. Такрори ҳамсадоҳо ........................... 32
Дарси 33. Ҳарфҳои ётбарсар ............................ 33
Дарси 34. Иҷрои машқҳои 81—82 ..................... 34
Дарси 35. Хушхат навиштани ҳарфҳои
ётбарсар ..................................................... 34
Дарси 36. Такрори мавзӯъҳои чоряки якум..... 35
Дарси 37. Аломати сакта **(ъ)** ........................... 35
Дарси 38. Иҷрои машқҳои 88—91 ..................... 36
Дарси 39. Ҳарфи **й** ............................................. 37
Дарси 40. Иҷрои машқҳои 94—97 ..................... 38
Дарси 41. Ҳиҷо ................................................. 39
Дарси 42. Садонокҳои ҳиҷосоз ......................... 40
Дарсҳои 43—44. Аз як сатр ба сатри
дигар гузаронидани ҳиссаи калима ..... 41
Дарсҳои 45—46. Диктанти санҷишӣ ва
кор бо хатоҳои имлоӣ ................................. 43
Дарси 47. Алифбои забони тоҷикӣ .................... 43
Дарси 48. Такрори овоз ва ҳарфҳо ................. 44

## КАЛИМА

Дарси 49. Калима ........................................ 44
Дарсҳои 50—51. Иҷрои машқҳои 115—117 .... 45
Дарси 52. Баёни фикр аз рӯйи расм ............... 47
Дарси 53. Хушхат навиштани калимаҳо ........................................ 47
Дарси 54. Калимаҳои якҳиҷоӣ ......................... 47
Дарси 55. Калимаҳои дуҳиҷоӣ ......................... 49
Дарси 56. Калимаҳои сеҳиҷоӣ ......................... 50
Дарси 57. Калимаҳои чорҳиҷоӣ ....................... 51
Дарси 58. Хушхат навиштани калимаҳо ........................................ 52
Дарси 59. Такрори калимаҳо .......................... 52
Дарси 60. Баёни фикр аз рӯйи мазмуни матн .................................. 54

## НОМИ ПРЕДМЕТҲО

Дарси 61. Номи предметҳо ............................... 54
Дарси 62. Номи одамон ................................... 57
Дарси 63. Номи кишварҳо ............................... 59
Дарси 64. Такрори чоряки дуюм ..................... 61
Дарси 65. Номи шаҳру ноҳияҳо ...................... 61
Дарси 66. Номи деҳу гузарҳо ......................... 63
Дарси 67. Номи кӯҳу дарёҳо ........................... 64
Дарси 68. Номи рӯзномаву маҷаллаҳо ............ 66
Дарси 69. Номи хоси ҳайвонҳо ........................ 67
Дарси 70. Иҷрои машқҳои 159—161 ............... 68
Дарси 71. Такрори номи предметҳо ................ 70

Дарси 72. Навиштани калимаҳои ифодакунандаи номи предметҳо ........................................ 71

## ҲАРАКАТИ ПРЕДМЕТҲО

Дарси 73. Ҳаракати предметҳо ........................... 71
Дарси 74. Иҷрои машқҳои 164—166................ 73
Дарсҳои 75—76. Кори эҷодӣ аз рӯйи расм . 74
Дарси 77. Иҷрои машқҳои 167—171 ................. 75
Дарси 78. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ..................... 77
Дарси 79. Такрори ҳаракати предметҳо ......... 77
Дарсҳои 80—81. Хушхат навиштани калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳо ........................... 78

## АЛОМАТИ ПРЕДМЕТҲО

Дарси 82. Аломати предметҳо ........................... 78
Дарси 83. Ранги предметҳо................................ 81
Дарси 84. Иҷрои машқҳои 182—184 ................ 83
Дарси 85. Таъм ва мазаи предметҳо ............. 84
Дарси 86. Иҷрои машқҳои 190—192............... 85
Дарси 87. Баёни эҷодӣ аз рӯйи расм........... 86
Дарси 88. Шакл ва ҳаҷми предметҳо.............. 87
Дарси 89. Иҷрои машқҳои 196—199............... 88
Дарси 90. Такрори аломати предметҳо ........... 90
Дарсҳои 91—92. Навиштани калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо ........................................ 90

## АДАДИ ПРЕДМЕТҲО


Дарси 93. Адади предметҳо ........ 90
Дарси 94. Иҷрои машқҳои 204—206 ........ 92
Дарси 95. Саволҳои адади предметҳо ........ 93
Дарсҳои 96—97. Иҷрои машқҳои 210—214 ........ 94
Дарси 98. Такрори адади предметҳо ........ 96
Дарсҳои 99—100. Навиштани калимаҳои ифодакунандаи адади предметҳо ........ 97


## ҶОНИШИН


Дарси 101. Ҷонишин ........ 97
Дарси 102. Иҷрои машқҳои 217—219 ........ 98
Дарси 103. Такрори мавзӯъҳои чоряки сеюм ........ 99
Дарси 104. Иҷрои машқҳои 219—220 ........ 100
Дарси 105. Кори эҷодӣ аз рӯйи расм ........ 100


## ЁРИДИҲАНДАҲО


Дарси 106. Пешоянди **ба** ........ 101
Дарси 107. Пешоянди **аз** ........ 102
Дарси 108. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ ........ 103
Дарси 109. Пешоянди **дар** ........ 103
Дарси 110. Пешоянди **бо** ........ 104
Дарси 111. Пешоянди **то** ........ 105
Дарси 112. Такрори калимаҳои ёридиҳанда ........ 106
Дарси 113. Навиштани калимаҳои ёридиҳанда ........ 107

## ИБОРА

Дарсҳои 114—115. Ибора ........ 107
Дарсҳои 116—117. Иҷрои машқҳои 239—242 ........ 108

## ҶУМЛА

Дарси 118. Ҷумла ........ 109
Дарси 119. Иҷрои машқҳои 247—250 ........ 111
Дарсҳои 120—121. Машқи хат. Навиштани ҷумлаҳо ........ 113

## ОЛАМИ НУТҚ

Дарсҳои 122—123. Талаффузи овоз ва ҳарфҳо ........ 113
Дарси 124. Навиштан ва хондани калимаҳо ........ 114
Дарси 125. Навиштан ва хондани ҷумлаҳо ........ 116
Дарсҳои 126—127. Баёни фикр аз рӯйи мазмуни матн ........ 117
Дарси 128. Одоби сухан ва гуфтугӯ ........ 118
Дарсҳои 129—130. Диктанти санҷишӣ ва кор бо хатоҳои имлоӣ ........ 120

## ҲУСНИ ХАТ

Дарси 131. Навиштани ҳарфҳои А, Б, С ........ 120
Дарси 132. Навиштани ҳарфҳои Д, И, С, Ш ........ 120
Дарси 133. Навиштани ҳарфҳои Х, Ҳ ........ 120
Дарси 134. Навиштани матн ва шеър ........ 121
Дарси 135. Такрори мавзӯъҳои чоряки чорум ... 121
Дарси 136. Такрори мавзӯъҳои солона ........ 121

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, нодарида, ҷудо нашуда, дар саҳифаҳо навиштаҳо ба назар намерасад. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гаштааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Дар муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст.<br>Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китоб барқарор карда ғайриимкон аст. |